ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ ШИРИНШОҲ ШОҲТЕМУР

ВБД: 338.4 (575.3) **Ба ҳуқуқи дастнавис**

ОЛИМЗОДА АБДУСАҲОБИ СИРОҶИДИН

ТАКМИЛИ ЗЕРКОМПЛЕКСИ ЧОРВОИ ШИРДЕҲ ВА САМАРАНОКИИ ОН (ДАР МИСОЛИ НОҲИЯҲОИ ТОБЕИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН)

АВТОРЕФЕРАТИ
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи
илмии доктори фалсафа (PhD), доктор
аз рӯйи ихтисоси
6D050605-Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои
иқтисодӣ, профессор
Насиров Раҳимбек

Душанбе -2026

Диссертатсия дар кафедраи ташкили истеҳсолот дар корхонаҳои КАС-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур иҷро шудааст

Роҳбари илмӣ:	**Насиров Раҳимбек** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи ташкили истеҳсолот дар корхонаҳои КАС-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур
Муқарризони расмӣ:	Ҳамдамзода Хурсанд Акбар – доктори илмҳои иқтисодӣ, муовини ректор оид ба таълими Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;
	Самиев Шамсиддин Файзуллоевич – номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсенти кафедраи менеҷменти истеҳсолии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ.
Муассисаи тақризидиҳанда:	Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.

Ҳимояи кори диссертатсионӣ рӯзи «25» августи соли 2026, соати 13 ^{00} дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA–016-и назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (734003,ш.Душанбе хиёбони Рӯдакӣ, 146, E-mail: olimov-1976@mail.ru, телефони котиби илмӣ: (+992(101-17-90-90) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхонаи илмӣ ва сомонаи расмии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (www.tajagroun.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» _____ соли 2026 ирсол карда шуд.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент **Олимов А.Х.**

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Мувофиқи ҳадафҳои муайяншудаи консепсияи бехатарии озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини аҳолии мамлакат бо маҳсулоти хӯрокворию баландсифат ва аз ҷиҳати экологӣ тоза дар назди соҳаи кишоварзӣ, аз он ҷумла маҳсулоти чорводорӣ вазифаҳои хосеро гузоштааст. Табиист, ки дар марҳилаи наздик ҳалли комили он ба монанди: ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, самтҳои беҳтар намудани зоти чорво, тарзҳои нигоҳдорӣ, таъмини хӯрокаи серғизо, коркарди саноатии аввала ва ниҳоии маҳсулоти ба даст овардашуда дар дохили хоҷагӣ, ноҳия, ҷумҳурӣ, ҳавасмандии моддӣ, дастгирӣ ва кумаки бевоситаи давлатӣ ва мушкилиҳои дигаре, ки вуҷуд доранд, бояд тадриҷан бо кумаки илм ва истифодаи таҷрибаи пешқадам ҳалли худро ёбанд, барои амалӣ гаштани он дар соҳаи кишоварзӣ шароитҳои хос вуҷуд доранд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ 28-декабри соли 2024 чунин ироа гардидааст, «Инчунин, ҷиҳати самаранок истифода бурдани ҳар як ваҷаб замин, беҳтар гардонидани вазъи соҳаҳои тухмипарварӣ, ниҳолпарварӣ, зотпарварӣ ва таъмин намудани рушди инноватсионии соҳа бояд чораҳои саривақтӣ амалӣ карда шаванд» [25].

Ба монанди, қабули «Барномаи маҷмуавии рушди соҳаи чорводорӣ, парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва занбӯриасалпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027», ки ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.03.2023, №52 ва дигар барномаҳои соҳавӣ тасдиқшуда мебошанд [4].

Чорводорӣ яке аз соҳаҳои истеҳсолоти хоҷагии кишоварзӣ буда, сарфи назар аз таваҷҷуҳи давлат ҳанӯз ҳам на чандон рушд ва самаранокии хуберо дорост, ҳамчун таъминкунандаи аҳолӣ бо маводи ғизоӣ ва саноат бо ашёи хом мавқеи хосеро ишғол намуда, ба натиҷаи иқтисодии давлат ва аҳолӣ таъсири бевосита мерасонад. Баъди гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ, шаклҳои гуногуни моликият ва хоҷагидориро дар соҳаҳои мухталифи кишоварзӣ, растанипарварӣ ва чорводорӣ ва аз он ҷумла чорвои калони шохдори самти ширдеҳ, як қатор дастовардҳо ба даст омадаанд, ки дар баробари онҳо мушкилиҳои дигарро низ ба бор овард, ки ба натиҷаи миқдорӣ ва сифати маҳсулоти истеҳсолгаштаи соҳаи мазкур таъсири бевоситаи худро расонидааст.

То пош хӯрдани низом ва шакли давлати Шуравӣ дар он вуҷуд доштани равандҳои махсусгардонӣ, якҷоякунии кооператсия ва интегратсия, хусусан дар соҳаи кишоварзӣ ва комплекси саноатию инфрасохтори хизматрасонӣ, таъминоти коркард, аз ҷумла кишоварзӣ, соҳаи растанипарварӣ ва чорводорӣ ҷараён дошта, истеҳсоли маҳсулот сол аз сол меафзуд. Хоҷагиҳои кишоварзӣ махсусгардонидашуда ҳаҷман бузург ва даромаднокии баландро доро буда, фаъолияти худро бо назардошти такрористеҳсолкунии васеъ пеш мебурданд. Яъне, давраи амалӣ гаштани ислоҳот, зиддиятҳои байни соҳаҳои зеркомплекси ширию хӯрокворӣ фаъолона зуҳур ёфта, робитаҳо вайрон

гашта, ҳам шароити ташаккул, ҳам вазъи иқтисодии субъектҳо ва ҳам хусусияти муносибатҳои байни онҳо тағйир ёфтанд.

Ба дигар шакли хоҷагидорӣ гузаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти чорводории ширдеҳ низ душвориҳои иловагӣ ба миён оварданд, ба монанди: коҳиш ёфтани дастгирии давлат ба соҳаи мазкур, ки бо дигар шакл ва тадбирҳо ҷуброн карда нашуданд; таъмини кумаки моддии соҳаҳои алоҳидаи истеҳсолии кишоварзӣ, хусусан маблағгузорӣ барои истеҳсоли шир ва маҳсулотҳои он дар асоси дастгирии бевоситаи Ҳукумати Ҷумҳурӣ бо тарзҳои дигар, ба монанди субсидияҳо, меъёрҳои ташкилотҳои қарздиҳанда, аз ҷумла хизматрасонии бонкӣ, грантҳо ва дигар шаклҳо на чандон суръат гирифтанд.

Чуноне ки маълум аст, шир ҳамчун маҳсулоти асосии озуқаворӣ тибқи барномаи таҳияшуда ноил шудан ба амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи худтаъминкунии кишвар бо шир ва маҳсулоти ширӣ бояд на камтар аз 70%-ро ташкил диҳад. Дар самти мазкур Маҷмуаи субъектҳои хоҷагидорӣ, ки бо истеҳсоли шир, коркард, фурӯши маҳсулоти тайёри он барои таъмини аҳолӣ нақши хосеро мебозанд [1, С.1]. Дар миқёси барномаи қабулгашта зерсохторҳои тайёр намудани мутахассисони муасиссаҳои илмӣ-иқтисодӣ, молиявӣ вуҷуд дошта бошанд ҳам, онҳо на чандон ба талаботи замона ҷавобгу буда, аз ин лиҳоз меҳвари натиҷаи таъсири онҳо ба рушди ҷамъият хело кам назаррасанд. Рушд ёфтани ҳамкории байни муассисаҳои кадр тайёркунанда ва корхонаҳои истеҳсолӣ, ки натиҷаҳои мусбӣ медиҳанд, ба монанди кластерҳои соҳавиро тавсия медиҳем, чун ки онҳо имконияти ҳам аз неруи зеҳнии ҷомеа, ҳам захираҳои моддӣ-молиявӣ ва омилҳои истеҳсоли оқилона ва самаранокро истифода мебаранд.

Дар марҳилаи кунуни зиёд шудани истеҳсоли ширро бо назардошти тараққиёти чорвои ширдеҳ ба таври: баланд бардоштани маҳсулнокии чорво ва иқтидори генетикии он, таъмин ва нигоҳ доштани нақша ва пойгоҳи таносуби хӯрокии чорво, такмил ва мукаммал намудани сохтор ва муносибатҳои байни субъектҳои хоҷагидории зеркомплекси чорвои ширдеҳ ва комплекси агросаноатӣ, коркард ва такмили маҷмуи чорабиниҳои аз нуқтаи назари илм асоснок мебошанд.

Омилҳои дар боло гуфташуда зарурияти мавзуи интихобшудаи кори илмиро муайян намуда, аҳаммияти илмӣ ва амалии онро тасдиқ менамоянд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Дар омӯзиши масъалаҳои самаранокии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ хусусан соҳаи чорводорӣ олимони зерини бурунмарзӣ, ба монанди: Н.Я. Коваленко [72;73], И.Н. Буздалов [55], В.А. Добринин [64], А.П. Зинченко [68;69], М.В. Косолапова [76] ,В.Г. Курдоглян [80], В.В. Новожилов [96], О.И. Пантелеева [98], О.А Родионова [111], Д. Рубинфелд [112], В. Серебряков [118], Б.А. Черняков [121] ,Й. Шумпетер [127], ва дигарон ҳиссаи зиёд доранд. Дар самарнокии истеҳсолоти кишоварзӣ бо усули ҳароҷот ва манбаъҳо олимони зерин ҳиссагузор мебошанд: В.Р. Боева [53], А.В. Белокопитов [50], В.А. Свободин [150], Н.Е. Тепляков [153], С. С. Сергеев [117], И.С. Санду [116] ,О.А. Родионова [111]. Ин самтро дар доираи равиши репродуктивӣ олимони зерин Е.Б. Дондокова [65], А.П. Зинченко

[68], А.И. Колобова [75], А.Г. Попцов [99], М. Портер [104] ,Б.Н. Кузик [79], А. Градов [61] ва дигарон таҳқиқотҳои мушаххас гузаронидаанд.

Соҳаи чорводорӣ аҳаммияти стратегӣ дошта, ҳадафи асосии он қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти аҳолӣ ва беҳ намудани сатҳи зиндагии аҳолии мамлакат мебошад, ки олимони ватанӣ: И.С. Ашуров [49], А.А. Мадаминов [83], З.Ф. Раҷабов [147], И.А. Маликов [85;86], Р. Носиров [94;95], Ҷ.С. Пиризода [102;103] ,Т.Б. Рузиев [113], И.Х. Самандаров [115], З.Р. Шарифов [122;123], У. Шарофов [124;125], Ш.А. Бобоазиззода [52], Ф.М. Раҷабов [109], Б.С. Шодиев [158] ва дигарон, дар ин самт корҳои зиёд ба анҷом расонида дастовардҳои хосеро ноил гаштаанд.

Дар асарҳои олимони мазкур барои ташкили оқилонаи соҳаи чорводорӣ, таҳлили самараи он хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ оварда шудаанд. Дар баробари ин як қатор масъалаҳои таҳқиқшаванда на чандон ҳалли худро ёфтаанд. Дар шароити иқтисоди бозаргонӣ бояд муносибатҳои нав ба ҳалли масъалаҳои беҳтар намудани самаранокии истеҳсоли маҳсулоти соҳаи чорводорӣ, баҳодиҳии он хусусан самти ширдеҳ дар асоси омӯзиши васеи ҳолат ва шароити хоҷагиҳо, омилҳо ва механизмҳои фаъолияти устувори корхонаҳои кишоварзӣ, инчунин механизми иқтисодии рушди саноатии коркарди маҳсулоти соҳаи мазкур зарур мебошад. Омӯзиши нокифояи ин масъалаҳо, аҳаммияти амалии таъмини рушди самаранокии иқтисодии истеҳсоли маҳсулоти соҳаи чорводории самти ширдеҳ дар ташкилотҳои кишоварзии бо шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ асосёфта сабаби амалӣ гаштани мавзуи кор мубрамият, мақсад ва вазифаҳои рисолаи илмиро дар пеш гузоштанд.

Аммо, сарфи назар аз миқдори зиёди таҳқиқот оид ба инкишофи чорводории самти ширдеҳ, бисёр масъалаҳои назариявӣ ва методӣ, ки ба тараққиёти инноватсионии соҳа ва инкишоф додани шаклҳои нави муносибатҳои байни соҳавии зеркомплекси ширӣ, бо мақсади ба эътидол овардан, идоракунии истеҳсоли шир дар шароити муосир ва рушди самаранокии он вобастаанд, ҳанӯз пурра омӯхта нашудааст ва як қатор муқаррароти вуҷуддошта баҳсталабанд, мубрамияти таҳқиқотро муаррифӣ менамоянд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ

Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳо, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (аз 1 декабри соли 2016, №636); [27] «Барномаи бехатарии маҳсулоти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023» (аз 31 октябри соли 20218, №520); [3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти озуқаворӣ» (аз 04 апрели соли 2019 №1591); [14] «Ҳадафи Ҷумҳурии Тоҷикистон саноатикунонии босуръати кишвар»; Барномаи мавҷудияти рушди соҳаи чорводорӣ, парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва занбӯриасалпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 01.03.2023, №52); [4]. Ҳадафҳои дарозмуҳлат ва афзалиятҳои рушди кишвар, ки аз ҷониби Президенти мамлакат дар паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014-2025 [25] ироа шудаанд ва дигар барномаҳои соҳавӣ робитаи мустаҳкам доранд.

ТАВСИФОТИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Таҳлил, коркард ва таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ-услубӣ масъалаҳои таъмини самаранокии зеркомплекси чорвои ширдеҳ ва пешниҳодҳои амалии мушаххаси механизми ташкилӣ-иқтисодӣ, институтсионалӣ, ки устувории фаъолияти онро ноҳияҳои табиии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегиранд.

Вазифаҳои таҳқиқот. Мувофиқи мақсади гузошташуда вазифаҳои зерин ҳал карда шудаанд;

1. Таҳқиқи моҳият, омӯзиши асосҳо ва муқаррароти назариявӣ ва методии рушди самаранокии зеркомплекси чорводории ширдеҳ, муайян намудани нишондиҳандаҳои асосии самаранокии рушди он ва таҳқиқи таҷрибаи ҷаҳонии чорводории самти ширдеҳ, ҷорӣ намудани дастовардҳои пешқадами онҳоро дар шароити кунунӣ инъикос менамоянд;

2. Таҳлили ҳолати кунунии соҳаи чорводории самти ширӣ ва нақши он дар таъмини самаранокии соҳаи мазкур;

3. Ташкили кластер ва микрокластерҳои махсус ҳамчун омили рушди чорвои самти ширдеҳ;

4. Асоснок намудани равишҳои консептуалии ташаккули технологияи инноватсионии чорвои калони самти ширдеҳ, низоми институтсионалии танзими давлатӣ ва самтҳои тараққиёти самараноки зеркомплекси шир дар шароити муосири иқтисодӣ.

Объекти таҳқиқоти илмӣ корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои шаклан гуногун ва истеҳсолкунандаи алоҳидаи маҳсулоти соҳаи чорводории самти ширдеҳ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ.

Мавзуи таҳқиқот Таъмини рушди муносибатҳои ташкилию иқтисодӣ дар зеркомплекси чорвои самти ширӣ ва такмили он мебошанд.

Фарзияи таҳқиқот Фарзияҳои таҳқиқот аз муайянсозӣ ва алоқамандии рушди иқтисодиёти аграрии Тоҷикистон аз сатҳи зеркомплекси чорвои ширдеҳ, истеҳсол ва коркарди маҳсулоти он, инчунин тадбиқи технологияҳои инноватсионӣ, саноатикунонии соҳаи кишоварзӣ, такмили давлатии он бо мақсади таъмини самаранокии соҳаи чорводорӣ мебошад.

Асоси назариявии таҳқиқот Таҳқиқоти бунёдии илмии намояндагони мактабҳои намоёни иқтисодӣ, донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ дар бахши баланд бардоштани самаранокии рушди соҳаи чорводории самти ширдеҳ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи кишоварзӣ, қонунҳо, консепсияҳо, стратегия ва барномаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин фармонҳо ва Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамзамон маводи дар маҷаллаҳои даврӣ чопшуда, таҳқиқоти аз

тарафи муаллиф гузаронидашуда, ташкил медиҳанд.

Сарчашмаи таҳқиқот. Дар раванди таҳқиқоти мазкур маълумот аз Паёмҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, [25] қонунҳо ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳои давлатӣ доир ба мавзуи илмӣ, Маълумоти Агентии омори назди Президенты Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ ва адабиёти меъёрӣ, маълумотномаҳои махсус оид ба ин масъалаҳо, инчунин ахбороти таҳлилии ташкилотҳои саноатӣ ва институтҳои илмӣ-таҳқиқотии академӣ, маводҳое ки ба қазияҳои истеҳсоли маҳсулоти чорво дахл доранд ва дар матбуоти даврӣ чопшуда истифода шудаанд.

Пойгоҳи таҳқиқот. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи «иқтисодиёт ва рақамикунонии КАС»-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ба анҷом расонида шуда, дар таҳқиқот маълумотҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи солонаи корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои ёрирасон ва хоҷагиҳои деҳқонии шаклҳои гуногуни моликият истифода гардидааст.

Навгониҳои илмии таҳқиқот. Навоварии илмии таҳқиқот ин самаранокии истеҳсоли маҳсулоти чорво, хусусан самти чорвои ширдеҳ дар шароити иқтисодиѐти дигаргуншаванда ифода меѐбад. Дастовардҳои муҳими илмӣ, ки ба сифати навоварии таҳқиқот пешниҳод мегарданд, чунинанд:

-мазмун, моҳият ва категорияҳои иқтисодӣ, самаранокии истеҳсоли маҳсулоти чорво, хусусан самти чорвои ширдеҳ аниқ шуда, нуқтаи назари муаллифии он дар мазмуни «самаранокии иқтисодӣ» бояд самараи ниҳоии фаоъияти пурсамари хоҷагӣ барои ба даст овардани миқдори зиёди маҳсулот (аз ҳар сар чорво) бо хароҷоти камтарин бо назардошти таъмини воситаҳои моддӣ, молиявӣ, захираҳои меҳнатӣ, илмию техникӣ ва дар амал татбиқ намудани онҳо пешниҳод гардидааст. Омилҳои таъсиррасон ба арзию нарх ва ҳаҷми маҳсулот, модели зеркомплекси чорвои ширдеҳ, сохтор ва ҷузъҳои он таҳия ва пешниҳод шудаанд, ҳамзамон низоми нишондиҳандаҳои техникӣ, технологӣ, иқтисодӣ инчунин баҳодиҳии муқоисавии самаранокӣ рушди чорводории самти ширдеҳ дар миқёси макро ва микро иқтисодӣ муайян, алоқамандӣ ва таъсири онҳо ба маҳсулнокии ниҳоии соҳа ба таври мушаххас таҳрезӣ гаштаанд;

-тибқи таҳқиқи муосири рушди зеркомплекси чорвои ширдеҳ дар мамлакатҳои хориҷа тавсия шудаанд, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан ноҳияҳои он амалӣ гаштани таҷрибаи Давлатҳои Иттиҳодияи Аврупо, ки молистеҳсолкунандагони соҳаи кишоварзиро аз тарафи давлат на кам аз 45% арзиши аслии маҳсулот таъмин ва бо ин роҳ самаранокии фаъолияти онҳо таъмин мегардад. Таҷрибаи Канада рушди зеркомплекси маҳсулоти ширӣ дар асоси истеҳсоли нақшавии дохилӣ, нархгузории танзимшаванда ва назорати воридотии он; давлати Чин такя бо сармоягузории ширкати хориҷӣ ва корхонаҳои бузурги коркарди шир ва маҳсулоти ниҳоии он; таҷрибаи мамлакати дигари ИДМ Белоруссия ҷорӣ

намудани низоми хӯрока ва хӯронидани чорвои ширдеҳ дар тамоми мавсим интенсификатсияи соҳаи мазкур, ки устуворнокии фаъолияти зеркомплекси маҳсулоти ширӣ ва худтаъминкунӣ бо шир ба даст оварда шуда, самараноканд, метавонанд ҳамчун таҷрибаи пешқадам истифода шаванд.

-бо мақсади таъмини рушди соҳаи чорводорӣ ва баланд бардоштани самаранокии иқтисодии истеҳсоли маҳсулоти он ташкили микрокластерҳо, таъмини рақобатпазирӣ, алгоритми сохтории он, омилҳои таъсиррасони беруна ва дохилӣ зиёд гаштани миқдори чорво, сохтори оқилонаи пода, ҳаҷми истеҳсоли шир, нархгузорӣ, омилҳои таъсиррасони беруна ва дохилӣ, шакл ва тарзҳои нигоҳу бин, ки вазъи ҳозираи соҳаи чорводорро дар солҳои таҳлилии 2015-2024 арзёбӣ карда шуда ҳолати истеҳсоли маҳсулот дар хоҷагиҳо, ҷойдоштани рақобат байн воридоткунандагон, истеҳсолкунандагон ва содироти маҳсулоти чорвои ширдеҳ дар низоми системаи бозоргонӣ афзоиши сатҳи даромаднокии он бо назардошти хусусиятҳои хоси соҳа ва методикаи натиҷабардории фаъолияти ниҳоии онҳо ҳамчун асоси тараққиёти соҳаи чорвои ширдеҳ пешниҳод гаштааст.

-равишҳои консептуалии ташаккули технологияҳои инноватсионии дар соҳаи чорводории самти ширдеҳ, ба монанди таъсиси корхона ва ташкилотҳои аввала ва ниҳоии шир, қазияҳои бозоршиносӣ, таъмини ихтисоснок, коргарони ахборотӣ, машваратӣ, афзоиши номенклатураи онҳо ва дигар чорабиниҳо, ки самаранокии зеркомплекси чорвои ширдеҳро сатҳи муайян рушд медиҳанд, дар мисоли хоҷагиҳои пешқадами ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ намуд, шакли кумаки давлат, вазифаҳо, қазия ва дастгирии соҳаи чорводоӣ самти ширдеҳ, ба монанди системаи истифодаи оқилонаи маблағгузорӣ, грантҳо алгоритми гирифтани субсидияҳо барои афзоиш, таъмин ва рушди саршумори чорвои ширдеҳ, меъёрҳо монда шавад, методикаи муайян намудани онҳо, ки самаранокии зеркомплекси чорвои самти ширдеҳро дар шароити ҳозираи ҷумҳурӣ мусоидат менамояд, пешниҳод гаштаанд.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

- муайян карда шуд, ки нишондиҳандаҳои иқтисодии самаранокии истеҳсолот, низоми нишондиҳандаҳои ташкилию технологӣ ва иқтисодӣ барои асоснок намудани модели зеркомплекси чорвои самти ширдеҳ, дар миқёси макро-микро иқтисодӣ равона шудааст;

- исбот карда шуд арзёбии ҳолати воқеии зерсоҳаи чорвои калони шохдори самти ширдеҳ дар низоми кунунии рушди истеҳсоли маҳсулот, самаранокии он бо назардошти технологияи нигоҳубин, маҳсулнокии модаговҳо ва зиёд гаштани саршумори чорво, равона шудааст;

- асоснок карда шуд, ки омилҳои таъсиррасон ва мушаххаси ташкили микрокластерҳо, махсусан дар самти чорвои ширдеҳ, сохтор ва тарзи ҳисоб намудани натиҷаи ниҳоии фаъолияти онҳо, тавсияи равишҳои консептуалии ташаккули технологияҳои пешқадам, ки ба самаранокии рушди соҳа таъсири мусбӣ расонида, то ҳадди имкон онро афзоиш медиҳанд;

- пешниҳод шудааст, ки дастгирии давлат, вазифаҳо оид ба танзими

афзоиши саршумор ва маҳсулнокии чорвои ширдеҳ, самаранокии истифодаи оқилонаи инвеститсия, субсидияҳо, алгоритми гирифтани онҳо ва тарзи ҳисоб карданашон бо мақсад мувофиқ мебошад.

Аҳаммияти назариявӣ, методологӣ ва илмии таҳқиқот. Дар он аст, ки натиҷаҳои ба амиқ ва мукаммал гаштани асосҳои назариявӣ ва методологии таъмини самараи иқтисодии истеҳсоли маҳсулоти чорвои ширдеҳ имконият медиҳанд, ки роҳҳои ҳалли муаммоҳои вуҷуддоштаи соҳа, тариқи таҳияи стратегияи рушди соҳа имкони бартараф дорад, агар он фарогири баландбардории маҳсулоти чорвои самти ширдеҳ тавассути ташкили микрокластерҳо ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ, афзоиши маҳсулнокии чорво, зотпарварӣ, хушзоткунӣ ва таркиби дохили он ташкили оқилонаи тарзҳои нигоҳдории чорво, таъмини хӯрока, нақша ва мувозинати (баланси) он ҳал карда шаванд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот. Дар он ифода меёбад, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ натиҷаи илмию амалии муаллифро оид ба амалӣ гаштани баландбардории самаранокии иқтисодии зеркомплекси чорвои ширдеҳ дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон, кофӣ набудани маҳсулоти соҳаи мазкур, ки бо таъмини бехатарии озуқавории мамлакат таъсири хосеро мерасонад, мебошад. Маводҳои таҳқиқоти диссертатсиониро метавон дар ҷараёни таҳияи консепсия, стратегия ва барномаҳои рушди зеркомплекси чорвои самти ширдеҳ истифода бурд. Инчунин, маводи диссертатсияро метавон ҳангоми омӯзиши фанҳои ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ, иқтисодиёти КАС, маркетинги кишоварзӣ, банақшагирӣ, менеҷмент истифода бурд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсиониро таҳқиқи адабиёти илмии бахшида ба мавзуи таҳқиқшаванда, таҷрибаи хориҷии тараққиёти чорвои ширдеҳ, омори расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушоҳидаҳои муҳаққиқ, маводи вазорату муассисаҳои дахлдор, интишороти даврӣ, маводи интернетӣ ва мақолаҳои илмии муаллиф дар бар гирифта, хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқоти муаллифро инъикос мекунанд.

Мутобиқатии диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Таҳқиқоти кори диссертатсионӣ ба бандҳои 3. Танзими давлатии кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои КАС; 10. Асосноккунии пешгӯйӣ ва дурнамои рушди комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ; 13. Механизмҳои ташкилӣ ва иқтисодии хоҷагидорӣ дар КАС, ҷабҳаҳои ташкилию иқтисодии идоракунии равандҳои технологӣ дар кишоварзӣ; 14. Масъалаҳои иқтисодии ташаккулёбӣ ва фаъолияти сохторҳои ҳамгироӣ дар КАС ва кишоварзӣ; 42. Ташаккул ва рушди ҳамгироӣ дар соҳаи кишоварзӣ; 49. Ҳавасмандсозии фаъолияти сармоягузорӣ дар кластерҳои соҳаи чорводорӣ; 51. Асосҳои ташкилию иқтисодии самтҳои рушди истеҳсоли хӯроки чорво дар комплекси агросаноатӣ ба шиносномаи ихтисоси КОА (илмҳои иқтисодӣ) ихтисоси 6D050605-Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ мувофиқат мекунанд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Ҳамаи даврaҳои

таҳқиқот бо мақсади расидан ба ҳадафҳои гузошташуда равона гардида, он аз муайян намудани ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, асосноккунии ҷанбаҳои назариявии самаранокии истеҳсолоти зеркомплекси чорвои ширдеҳ бо назардошти хусусиятҳои соҳаи мазкур, нишондиҳандаҳои асосии рушди он, таҳқиқ ва татбиқи истифодаи амалии таҷрибаи ҷаҳонии тараққиёти соҳаи чорводории самти ширдеҳ дар Тоҷикистон ва НТҶ, арзёбии вазъи кунунӣ ва муайянкунии омилҳои таъсиррасон ба рушди он, пешниҳоди микрокластерҳо, ташкили сохтор ва методикаи натиҷагирии фаъолияти ниҳоии онҳо, ташаккулу татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар истеҳсол ва самаранокии ширу маҳсулоти ширӣ, дастгирии давлатии рушди чорвои ширдеҳ, низоми самаранокии истифодаи маблағгузориҳо, алгоритми гирифтани субсидияҳо ва тарзи муайян намудани онҳо чун омили рушди зеркомплекси чорвои ширдеҳ иборат мебошад.

Тасвиб ва амалӣсозии натиҷаҳои диссертатсия. Дастовардҳо ва пешниҳодҳои асосии кори таҳқиқотӣ дар конфронсҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва илмӣ-амалии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ва Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии назди АИКТ маврди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Муқаррароти методӣ ва амалӣ дар рафти омӯзиш таҳия шуда дар раванди «Барномаҳои рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то 2030» [5] ва таҳияи дурнамои рушди кишоварзии хоҷагиҳои шаҳри Ваҳдат, Ҳисор ва ноҳияи Рӯдакӣ истифода шудаанд, ки бо маълумотномаҳои мақомотҳои дахлдори ҳукуматҳои он тасдиқи худро ёфтаанд, ки муҳимтаринашон инҳоянд:

- ташкили кластер ва микрокластерҳои минтақавӣ ҳамчун муҳимтарин омили асосии рушди соҳа;
- суръатбахшии ҷараёни воридоти технологияҳои инноватсионӣ ва амалинамоии таҷрибаи пешрафтаи давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон;
- механизми истифодаи самараноки маблағгузориҳо барои рушди соҳаи чорводории кишвар.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 14 мақола, аз ҷумла 6-то дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии он 5,2 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Сохтор ва ҳаҷм диссертатсия. Диссертатсия дар ҳаҷми умумии 188 саҳифа таҳия карда шудааст. Вай аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, 14 расм, 35 ҷадвал, пешниҳодот ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, аз ҷумла муаллифони ватанӣ ва хориҷиро дар бар мегирад.

Дар муқаддимаи рисолаи диссертатсионӣ муҳимияти мавзуи таҳқиқот, объект, предмет, ҳадаф ва вазифаҳои он, навгониҳои илмӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда аз натиҷаи таҳқиқотҳои бадастомада пешниҳод карда шудааст.

Боби аввали рисола - «Моҳияти назариявии самаранокии зеркомплекси чорвои ширдеҳ», асосҳои назариявӣ-илмии самаранокии зеркомплекси чорвои

ширдеҳ, нишондиҳандаҳои асосии самаранокии рушди зеркомплекси чорвои ширдеҳ, таҷрибаи хориҷии тараққиёти зеркомплекси чорвои ширдеҳро дар бар мегирад.

Дар боби дуюм сухан дар бораи - «Ҳолати муосири рушди зеркомплекси чорвои ширдеҳ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», вазъи муосири соҳаи чорводории самти ширдеҳ, ҳолати ташкилӣ – истеҳсолӣ ва самаранокии зеркомплекси чорвои ширдеҳ меравад.

Дар боби севвум «Самтҳои асосии рушди зеркомплекси чорвои ширдеҳ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ», ташкили кластер ва микрокластерҳо ҳамчун омили рушди зеркомплекси чорвои ширдеҳ, технологияи замонавӣ-инноватсионӣ чун самти афзалиятноки самаранокии зеркомплекси чорвои ширдеҳ, батанзимдарорӣ ва такмили давлатии зеркомплекси чорвои ширдеҳ яке аз роҳҳои тараққиёт дар шароити муосири иқтисодӣ таҳлилу арзёбӣ гардидаанд.

Дар хулоса натиҷаи таҳқиқот ҷамъбаст гардидааст.

ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар муқаддима аҳамият ва муҳимияти мавзуи таҳқиқот, объект, предмет, ҳадаф ва вазифаҳои он, навгониҳои илмӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда аз натиҷаи таҳқиқотҳои бадастомада пешниҳод карда шудааст.

Дар боби 1 **«Моҳияти назариявии самаранокии зеркомплекси чорвои ширдеҳ»**, асосҳои назариявӣ-илмии самаранокии зеркомплекси чорвои ширдеҳ, нишондиҳандаҳои асосии самаранокии рушди зеркомплекси чорвои ширдеҳ, таҷрибаи хориҷии тараққиёти зеркомплекси чорвои ширдеҳ ҳамчун такмили тараққиёти зеркомплекси чорвои ширдеҳ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳури мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст. Қисми назариявии диссертатсияро таҳқиқи самаранокӣ, ки ҳангоми муайян кардани моҳияти он дар истеҳсолоти кишоварзӣ ҳамфикрии ягона вуҷуд надорад, вале равишҳои гуногуни онҳоро ҷудо намудан мумкин аст, яке аз онҳо дар асоси ҳаҷми афзоиш ё арзиши маҳсулоти истеҳсолшуда, яъне фарқият байни натиҷа ва хароҷот як қатор олимони дигар аз он ҷумла ватани онро ҳамчун истеҳсоли маҳсулоти босифат бо сарфи камтарини меҳнат ва маблағ ба воҳиди маҳсулот, баъзеи олимон самаранокиро истифодаи оқилонаи захираҳои мавҷуда барои қонеъ гардондани эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ ва шахсӣ дар адабиёти таҳлилгашта олимон оиди мавҳуми самаранокӣ онро нисбати соҳаҳои растанипарварӣ ва чорводорӣ ба монанди “рушди иқтисодӣ”, “афзоиши иқтисодӣ”, “самаранокии иқтисодӣ” муаррифи намудаанд. Дар диссертатсия таҳқиқи гузаронидани адабиёти илмӣ-назариявӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ назари муаллифони хориҷӣ ва ватанӣ хело васеъ арзёби гаштааст, аз сабаби маҳдуд будани ҳаҷми автореферат онро ба тарзи зерин арзёби намудаем.

Чуноне ки олим Коваленко Н.Я., иброз дорад самаранокӣ «категорияи иқтисодиест, ки натиҷаи истеҳсолотро дар муқоиса бо захираҳои истеҳсолот ва эҳтиёҷоти иҷтимоӣ дида мебарояд» [30].

Ҳамин мавқеъро баъзе муаллифони дигар дасгирӣ менамояд, масалан,

Хачатуров Т.С., ҳароҷотро ҳамчун як қисми захираҳои дар ҷараёни истеҳсолот истифодашаванда мешуморад [34, С.129-141].

Дар ин маврид нақши меъёри самаранокиро «имконияти худмаблағгузорӣ барои таъмини такрористеҳсолкунии васеъ» мебозад. В.А. Свободина, М.В. Свободина [33, С.19,23].

Мо ба нуқтаи назари П.И.Дугин ҳамроҳ шуда ва онро дастгирӣ мекунем ӯ чунин мешуморад, ки «дар шароити иқтисодиёти устувор, ки ба самаранокии фаъолияти система таъсир мерасонанд, омилҳои дохили афзалиятнок ва судманд мебошанд» [15, С.284].

Мадаминов А.А. самаранокиро ҳамчун истеҳсоли маҳсулоти босифат бо сарфи камтарини меҳнат ва маблағ ба ҳар воҳиди маҳсулот муаррифи намудааст [18, С.300].

Ҷадвали 1. – Ақидаи олимон доир ба мафҳуми «самара» ва «самаранокӣ»

Тафсири мафҳуми «самара» ва «самаранокӣ»	
Ному насаби муаллифон	**Ақидаи муаллифон**
Новожилов В.В.	«Самаранокӣ ин таносуби самараи судманд (натиҷа) ба ҳароҷоти ба даст овардани он мебошад» [21].
Добрынин В.А.	«аз истифодаи воситаҳои истеҳсолот ва меҳнати зинда», инчунин «даромади маблағгузории умумӣ» самаранокии иқтисодии истеҳсолоти хоҷагии кишоварзиро муайян мекунад [14, С.47].
Данкверт С.А.,	Дар зери мафҳуми самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ афзоиши миқдор ва сифатнокии маҳсулоти зарурӣ фаҳмида мешавад [29].
Насиров Р	Барои муайян намудани самаранокии иқтисодии соҳаи кишоварзӣ ва бахшҳои он меъёр ва низоми нишондиҳандаҳо, ки аз моҳияти қонуни иқтисодии асосӣ ба вуҷуд омадаанд, вуҷуд доранд [20, С.61].
Пиризода Ҷ. С.	Самараноки ҳамчун таносуби натиҷаи истеҳсолот ба сарфи ҳароҷоти истеҳсолӣ (захираҳои истеҳсолӣ) ҳисоб карда шуда, яке аз критерияҳои мураккаби иқтисодӣ буда, бузургиаш ба таъсири омилҳои гуногун вобаста аст [36, С.108].
Шарифов З. Р.	Мафҳуми "самаранокӣ" бо мақсади таъмини раванди устувори истифодаи замин ва рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, арзиши нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои самаранокии иқтисодии хоҷагии халқ ва тиҷоратиро бояд ворид намоем [25, С.444].
Олимов А. Х. Аминзода З.Н.	«Самаранокии иқтисодӣ ин категорияе мебошад, ки истеҳсолотро аз нуқтаи назари мутобиқат ба манфиатҳои ҷамъиятӣ дар инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ, ки сатҳи ноил гардидани мақсадҳои ҷамъиятиро инъикос менамояд, тавсиф менамояд баррасӣ карда шавад» [22, С.8].
Олимзода А.С.	Ба фикри мо, «самаранокии иқтисодӣ» бояд самараи ниҳоии фаоъияти пурсамари хоҷагӣ барои ба даст овардани миқдори зиёди маҳсулот аз ҳар сар чорво бо ҳароҷоти камтарини моддӣ ва меҳнатӣ бо назардошти таъмини воситаҳои моддӣ, молиявӣ, захираҳои меҳнатӣ, илмию техникӣ ва дар амал татбиқ намудани онҳо мебошад.

Сарчашма: Таҳияи муаллиф аз рӯйи адабиётҳои илмии мавриди таҳқиқот қароргирифта.

Дотсент Бобоазиззода Ш. А. дар корҳои илмии худ самаранокиро чунин маънидод намудааст, ки «самаранокии иқтисодӣ - ҷорӣ намудани андозаҳои иқтисодӣ, таносуби таъсир ё натиҷа ба хароҷоте, ки боиси ноил шудан ва даромади максималии миқдори маҳсулотро бо хароҷоти камтарин; барои истеҳсоли маҳсулот мефаҳмонад» [12, С.144].

Андешаи Маликов И.А. чунин аст: «Соҳаи чорводорӣ нисбат ба соҳаи зироаткорӣ чандирии бештарро оид ба дигар намудани ҳаҷми истеҳсолот дорост. Ин хусусияти соҳа имконияти самаранок истифода бурдани захираҳои мавҷударо дар асоси ёфтани ҳаҷми оптималии истеҳсолот, ки даромаднокии зиёдро таъмин менамояд, мусоидат менамояд» [19, С.124].

Олимов А.Х. чунин баён намудааст: «самаранокӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ баррасӣ шуда, натиҷаҳои фаъолиятро аз нуқтаи назари мутобиқати онҳо ба манфиатҳои ҷамъиятӣ оид ба рушди минбаъдаи қувваҳои истеҳсолӣ ва муносибатҳои истеҳсолӣ муайян намуда, дараҷаи ноил шудан ба ин ҳадафро инъикос менамояд. Дар робита ба соҳаи кишоварзӣ, самаранокӣ бояд ҳамчун натиҷаи истифодаи оқилонаи захираҳое, ки барои баланд бардоштани эҳтиёҷоти аҳолӣ ба маҳсулоти ғизоӣ ва саноат бо ашёи хом нигаронида шудаанд, баррасӣ карда шавад» [31, С.124-130].

Дар диссертатсия усулҳо, асос, меъёрҳои арзёбии самаранокӣ мавриди таҳлил ва хулосабардори шудаанд.

Дар натиҷаи таҳлилҳои гузаронидашуда омилҳоро ба таври мушахасс ба ду гурӯҳ дохилӣ ва беруна ҷудо намуда таъсири ҳар яки онҳо дар алоҳидаги ба арзиш, нархи фурӯш, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти мушахасс “шир” таҳия ва пешниҳод шудаанд.

Омӯзиш ва таҳлили нишондиҳандаҳои асосии самараноки рушди зеркомплекси чорвои ширдеҳ барои муайян намудани самаранокии истеҳсолӣ дар миқёси (хоҷагӣ) ҳамчун категорияи истеҳсолӣ дохили соҳавӣ чунин тақсим намудан волотар мебошад. (расми 1)

Чуноне ки муаррифи гаштааст бисёр нишондиҳандаҳои тараққиёти соҳаи чорводорӣ самти ширдеҳ бо ҳам алоқаманд ва бо ҳамдигар вобастаанд. Тағйироти нишондиҳандаҳо, ченакҳои яке ногузир боиси тағйироти дигаре мегардад.



Расми 1. - Нишондиҳандаҳои баҳодиҳии самаранокии рушди чорводории ширдеҳ дар сатҳи микроиқтисодӣ дар хоҷагӣ.

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Барои ошкор намудани қазияҳои вуҷуддоштаи зеркомплекси шир ва маҳсулоти шири дар сохтори фаъолиятии он ҳамчун занҷираи «истеҳсол - коркард - фурӯш», таҳлил ва хулосабардорӣ гаштаанд.

Хоҷагиҳои соҳаи чорводорӣ, аз он ҷумла нигоҳдории чорвои ширдеҳ ва зотпарварӣ фаъолият менамоянд, барои таъмин ва риоя намудани ҳолати иқтисодӣ, баланси хӯрока бевосита вобаста буда он маҳсулнокии чорво низ таъсири худро мерасонад ва дар занҷираи мазкури фаъолияти ниҳоии зеркомплекси шир мавқеи хоссро ишғол менамояд. (расми 2)



Расми 2. - Сохтори фаъолияти зеркомплекси шир ва самаранокии он
Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Вазифаҳои асосии корхонаҳо ин дар натиҷаи амали намудани равандҳои лозимаи коркарди шир оид ба даст овардани маҳсулоти ниҳоӣ барои истеъмолкунандагон машғул мебошанд. Баъдан занҷираи зеринро ташкилотҳо ки бо фурӯш машғуланд ҷамъбаст менамоянд, ки он тавассути роҳҳои гуногун мағозаҳо ва бозорҳо фурӯхта мешавад ва дар натиҷа самаранокии фаъолияти он ба даст меояд.

Олимон Колобова А.И. ва Косинцева О.А чунин иброз менамоянд, ки «...асоси устувории соҳа аз шартҳои зерин вобастагии зиёд дорад: зиёд намудани муҳлати истеҳсолии истифодаи чорвои ширдеҳ; бартараф намудани талафоти чорво; ташкили корҳои зотпарварӣ ва хушзоткунӣ дар соҳаи самти

парвариши зотҳои нави сермаҳсули чорво» [17, С.377].

Коваленко Н.Я. чунин иброз намудааст, ки «муҳимтарин унсури таъмини рушди устувори фаъолияти корхонаҳои зеркомплекси маҳсулоти ширӣ ин базаи хӯрокаи чорво ҳамчун низоми ташкили- технологӣ оид ба истеҳсол ва низоми истеҳсоли хӯрока технологияҳои дифференсиалии саҳроиро дар бар мегирад, ки ба талаботи чорвои сермаҳсули ширдеҳ ҷавобгӯ бошад» [30, С.253].

Маълум аст, ки «муҳимтарин унсури таъмини рушди устувори фаъолияти корхонаҳои зеркомплекси маҳсулоти ширӣ ин базаи хӯрокаи чорво ҳамчун низоми ташкили-технологӣ оид ба истеҳсол ва низоми истеҳсоли хӯрока технологияҳои дифференсиалии саҳроиро дар бар мегирад, ки ба талаботи чорвои сермаҳсули ширдеҳ ҷавобгӯ бошад» [16, С.253].

Дар натиҷаи таҳқиқотҳои амалигашта омилҳои таъсиррасонро ба як шакл, ҳамчун низом пешниҳод намудаем. (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2. - Низоми алоқамандии омилҳои таъсиррасон вобаста аз маҳсулнокии чорво ва самаранокии он

Нишондиҳандаҳо	Ширдӯшии солона аз ҳар сар модагови ширдеҳ, кг			
	3 ҳаз.	5 ҳаз.	7 ҳаз.	9 ҳаз. ва зиёд
Таъминот бо хӯрока	Сифати	Мувозинатии вояи хӯрокаи шабонарӯзӣ	Вояи мутаносибан пурраи омехтаи хӯрока	Вояи пурраи хӯрока дар давоми сол омехтаи ғизодиҳи
Корҳои селексионӣ	Бе назардошт	Зотҳои маҳсулнокии баланддошта	Идоракунии оқилонаи такористеҳсоли пода	Идоракунии саломатии чорво
Таъмини кадрҳо	Дараҷаи ихтисоснокӣ аҳамият надорад	Талабот бе мутахассисон ва коргарони пуртаҷриба	Як нафар идоракунанда дигарон иҷрокунанда	Талаботи доимӣ оид ба ахборот ва маслиҳатчиён
Шароити нигоҳдори	Бе пешниҳоди талабот ба бино	Фермаи (бинои) маъмули механиконидашуда	Таҷҳизоти самаранокторини ширдӯшӣ	Фермаи (бинои) замонавӣ бо технологияҳои навтарин
Самаранокӣ	Сохтори хӯрока ва хароҷоти он ба 1 воҳиди шир	Воҳиди хӯрока сомонӣ, арзиши аслии шир, сатҳи равғаннокӣ	Нарх, фоида, сатҳи даромаднокӣ, маҳсулнокии меҳнат	Муҳлати бозгашти хароҷоти капилалӣ ва ғайра

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Таҳқиқи таҷрибаи хориҷӣ тараққиёти зеркомплекси ширдеҳ нишон дод, ки соҳаи чорводорӣ дар мамлакатҳои пешқадами хориҷӣ аз ҳисоби ба амали гаштани танзими давлатии истеҳсолоти хоҷагиҳои кишоварзӣ дар асоси амали гаштани раванди қарзҳои имтиёзнок, грантҳо ва субсидияҳо барои тараққиёти соҳаи чорводорӣ кумакҳои молиявӣ барои дастгирӣ намудани усулҳои нав ба муваффақиятҳои калон ноил гаштанд. Ҳанӯз дар соли 1933 Иёлоти Муттаҳидаи Амрико қонунеро қабул кард, ки дастгирии нархҳо ва даромадҳои хоҷагиҳоро таъмин мекунад.

Ақидаи В.Л. Аничин ва Д.Ю. Чугайро мавриди қабул намуда, ташаккул додани ҳампайвастагии байнисоҳаҳоро, ба монанди, кооперативҳои таъминотӣ - бафурӯшбарорӣ ҳамчун самти ояндадори фаъолияти самараноки зеркомплекси маҳсулоти ширӣ мешуморем ва тавсия менамоем [26, С.66].

В.А.Серебряков дар асари худ оиди зеркомплекси маҳсулоти шири

чунин иброз намудааст, «зеркомплекси маҳсулоти ширирo ҳамчун низоми муттаҳидшудаи соҳаҳои аз ҷиҳати технологӣ ва иқтисодӣ ба ҳам алоқаманд муайян менамояд, ки бо як вазифаи умумӣ - истеҳсол, коркард ва фурӯши шир ва маҳсулоти ширӣ бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи ҷомеа бо назардошти меъёрҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки истеъмоли маҳсулот муттаҳид карда шудааст» [24, С.24].

Барои баланд бардоштани самаранокӣ соҳаи чорводорӣ, танзими давлатии он ва умуман истеҳсолоти кишоварзӣ зарур аст. Яке аз онҳо ҳифз намудан аз рақибони хоричӣ истеҳсолкунандагони ватанӣ мебошад.

Дар диссертатсия оварда шудааст, ки мавқеи хосеро дар фурӯши шир ва маҳсулотҳои коркарди саноатии он давлатҳои пешсаф ҷойгиранд, вале дар бозорҳои ҷаҳон афзоиши ҷиддии истеҳсоли ва коркард дида мешаванд, ки он асосан дар натиҷаи зиёд гаштани миқдори аст.

Тавре Боговиз А. ва дигарон таъкид мекунанд «тамоюли рушди бозорҳои озуқаворӣ аз ҷиҳати истеъмоли маҳсулоти чорводорӣ тағйир ёфт». Дар адабиёти мазкур қайд шудааст, ки «Бузургтарин истеҳсолкунандагони гӯшти гов дар ҷаҳон Ҳиндустон (23%), Бразилия (18%), Чин(15%), ИМА (12%), ИА (10%) мебошанд, ҳиссаи умумии ин кишварҳо 78 фоизи маҳсулоти умумиро ташкил медиҳад» [27, С.21].

Дар шароити имрӯза ва давлатҳои ҷаҳон бозори маҳсулотҳои ширӣ дар самтҳои мухталиф: истеҳсол ва коркарди ниҳоии шир ва таъмини бехатарии солимии ҳаёти инсон, таваҷҷуҳи хос медиҳанд.

Профессор Гайсин Р.С. қайд мекунад, ки «сиёсати давлатии ташаккули бозори ашёи хоми хоҷагии кишоварзӣ, зуқаворӣ бояд ба тадбирҳои вусъат додани талаботи аҳолӣ ва давлат, ҳавасманд гардондани афзоиши ҳаҷм ва танзими чандирии сохтори таъминот асос ёбад» [28 с.7-9].

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлилӣ маводҳо ба мавзуъ бахшида шуда маълум мегардад, ки бозори маҳсулоти ширӣ ба равандҳои ҷаҳонишавӣ дучор гардидааст, ин раванд меҳвари як давлати берун гаштааст, аз ин лиҳоз мамлакати мазкур дар истеҳсол ва коркарди шир, ки пешсафаст, бояд ба бозори ҷаҳонии шир дохил карда шавад.

Дар асоси маълумотҳои овардашуда оид ба тадбирҳои баланд бардоштани устуворнокии фаъолияти зеркомплекси маҳсулоти ширии мамлакатҳои ҷаҳон бо назардошти истифодаи таҷрибаи онҳо амали гаштани микрокластери зеркомплекси чорвои ширдеҳро ба шакли зерин тавсия намудаем. (расми 3)

Барои амали гаштани фаъолияти микрокластер як қатор унсурҳои асосии оварда шуда дар расми мазкур бояд ҳаллу фасл гарданд, ба монанди: ташкили кластер ва микрокластери чорвои ширдеҳ; сохтор, мақсад, вазифа ва амалӣ гаштани натиҷаи ниҳоии он; истифодаи маблағгузорӣ ва дастгирии давлатӣ.



Расми 3. - Таҷрибаҳои давлатҳои хориҷӣ оиди амали гаштани микрокластери зеркомплекси маҳсулоти ширӣ

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Дар асоси таҳлили ҳолат зеркомплекси чорвои ширдеҳи мамлакатҳои хориҷа барои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи таҷрибаи Иттиҳодияи Аврупо дастгирии давлатии хоҷагиҳои кишоварзӣ зиёда аз 45% арзиши аслии маҳсулот таҳким бахшидани истеҳсоли хурд; Канадавӣ рушди зеркомплекси маҳсулоти ширии истеҳсоли нақшавии дохили, нархгузории танзимшаванда ва назорати воридотии он; давлати Чин такя ба сармоягузории ширкати хориҷи ва корхонаҳои бузурги коркарди шир ва маҳсулоти ниҳоии он; таҷрибаи мамлакати ИДМ Белоруссия- ҷори намудани низоми хӯрока ва хуронидани чорвои ширдеҳ дар тамоми мавсим, интенсификатсияи соҳаи мазкур, ки устуворнокии фаъолияти зеркомплекси маҳсулоти ширӣ ва худтаъминкуни бо шир самараноканд, мумкин аст таҷрибаи пешқадам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд, пешниҳод гардид.

Дар боби 2 **«Ҳолати муосири рушди зеркомплекси чорвои ширдеҳ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)»**, вазъи муосири соҳаи чорводории самти ширдеҳ, ҳолати ташкилӣ – истеҳсол ва самаранокии зеркомплекси чорвои ширдеҳ баҳо дода шудааст.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки чорводорӣ дар бахши аграрии иқтисодиёти ҷумҳурӣ бо ҳиссаи хоси назарраси худ дар истеҳсоли умумии маҳсулоти кишоварзӣ, бо парвариш ва истеҳсоли маҳсулоти лозимаи хуроквории инсон ва ашёи хом барои саноат машғул аст мавқеи махсусро ишғол менамояд. Вазифаи аввалиндараҷаи соҳаи мазкур, ки аз самтҳои гуногун ва намуди маҳсулотҳои истеҳсолшаванда фарқ намоянд ҳам, бояд афзоиш ва васеъ намудани ҳаҷм ва сифати он, зиёд гардонидани маҳсулнокии чорво ва коҳиш додани хароҷоти меҳнат ва захираҳои истеҳсоли мебошанд, ки дар натиҷа арзиши аслии маҳсулот коҳиш ёфта самаранокии соҳа меафзояд.

Ҷадвали 3. - Динамикаи саршумори чорво аз рӯи категорияҳои хоҷагиҳои НТҶ, сар

Номгу	Солҳо					Соли 2024 фоиз нисбат ба соли 2020
	2020	2021	2022	2023	2024	
Ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо						
Чорвои калони шоҳдор	613406	620836	651820	678033	702275	114,5
Аз он ҷумла, модагов	325002	333465	340080	357841	368026	113,2
Бузу гӯсфанд	1486513	1514314	1640274	1728021	1889620	127,1
Корхонаҳои кишоварзӣ						
Чорвои калони шохдор	8129	8899	7740	6998	7041	86,4
Аз он ҷумла, модагов	2953	2870	2592	2372	2442	82,7
Бузу гусфанд	61446	57543	53692	36111	41408	67,4
Хоҷагии аҳолӣ						
Чорвои калони шохдор	588927	594030	625246	648682	672066	114,1
Аз он ҷумла, модагов	317319	325582	331829	347628	357135	112,5
Бузу гӯсфанд	1211892	1234384	1332279	1380766	1494045	123,3
Хоҷагиҳои дехқони (фермерӣ)						
Чорвои калони шохдор	16350	17709	18834	22353	23168	121,7
Аз он ҷумла, модагов	4730	5013	5659	7841	8449	178,6
Бузу гусфанд	213175	222387	254303	311144	354167	166,1

Сарчашма: Маҷмуаи оморӣ Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон –Душанбе, 2025.–С. 237- 245; (390с.)

Устувории чорводорӣ бештар бо динамикаи саршумори чорво тавсиф карда мешавад. Бояд қайд намуд, ки саршумори чорво дар ҳамаи

категорияҳои хоҷаги зиёд гардида, яке аз омилҳои таъмин ба амнияти озуқавории кишвра таъсири мусби мерасонад.

Аз маълумотҳои ҷадвал дида мешавад, ки тамоили афзоишёбии саршумори чорвои калони шохдор, аз ҷумла модавговҳо ва бузу гусфанд бисёртар дар хоҷагиҳои аҳолӣ соли 2024 нисбат ба соли 2020 дида мешавад аз он ҷумла, саршумоири чорвои калони шохдор 14,5 фоиз, модаговҳо 13,2 фоиз ва саршумори бузу гусфанд бошад 27 фоизро ташкил додааст. Тамоюли манфии саршумори чорво дар бахши корхонаҳои кишоварзӣ, асосан дар натиҷаи ба шакли дигари хоҷагидорӣ гузаштани хоҷагиҳои чорвопарвар мебошад [6].

Барои муайян намудани ҳолати истеҳсоли ширро динамикаи он дар хоҷагиҳои минтақа мавриди таҳқиқ қарор медиҳем. (ҷадвали 4)

Ҷадвали 4. - Динамикаи ҳаҷми истеҳсоли шир дар хоҷагиҳои НТҶ дар солҳои 1991-2024, тонна

Нишондиҳанда	Солҳо							Ба ҳисоби миёна солҳои 1991- 2024	Соли 2024 нисбат ба соли 1991, бо фоиз
	1991	2019	2020	2021	2022	2023	2024		
Истеҳсоли шир – ҳамагӣ	138260	212662	214901	214719	217919	226125	241651	209462,4	174,8
Аз он ҷумла: корхонаҳои кишоварзӣ	66076	11543	11387	10745	9400	8511	7765	17918,1	-11,75
хоҷагиҳои деҳқонӣ	-	3749	3791	4248	6650	8073	10190	6116,8	-
хоҷагиҳои аҳолӣ	72184	197370	199723	199726	201869	209541	223696	186301,3	309,9

Сарчашма: Маҷмуаи оморӣ Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон –Душанбе, 2025.–С. 286- 289; (390с.)

Аз маълумотҳои ҷадвали 4 маълум мегардад, ки афзоиши ҳаҷми истеҳсоли шир дар ҳоҷагиҳои аҳолӣ соли 2024 нисбат ба соли 1991 151512 тонна ё худ 3,1 маротиба зиёд мебошад [6]. Чи тавре, ки рақамҳо исбот менамоянд коҳиш ёфтани истеҳсоли шир дар корхонаҳои кишоварзӣ, аз сабаби рушди истеҳсолот дар хоҷагиҳои аҳолӣ, ки дар онҳо миқдори зиёди чорвои ширдеҳ қарор ёфта ҳамчун молистеҳсолкунандагони асосӣ баромад менамоянд, мебошад. Дар раванди кор барои амиқ намудани ҳолати истеҳсоли шир нишондиҳандаҳои сифатии он, вобаста аз маҳсулнокии модаговҳо гурӯҳбанди намудаем.

Яке аз муҳимтарин роҳҳои мустаҳкам намудани базаи хӯроки чорво ва интенсификатсияи истеҳсоли хӯроки чорво ҳамаҷониба баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои хӯроки чорво мебошад. (ҷадвали 5).

Ҷадвали 5. - Ҳосилнокии зироатҳои асосии хӯрокаи чорво дар хоҷагиҳои Н.Т.Ҷ. Ҷумҳурии Тоҷикистон (с.га)

Намуди зироат	Солҳо							
	2021		2022		2023		2024	
	Ҳосил нокӣ сентнер га	Миқд ори маҳсу лоти истеҳ солш уда ҳаз/ тонна	Ҳосил нокӣ сентнер га	Миқд ори маҳсу лоти истеҳ солш уда ҳаз/ тонна	Ҳосил нокӣ сентнер га	Миқд ори маҳсу лоти истеҳ солш уда ҳаз/ тонна	Ҳосил нокӣ сентнер га	Миқд ори маҳсу лоти истеҳ солш уда ҳаз/ тонна
Ғаладона гандум	23,0	124,8	22,8	121,6	28,1	130,5	27,4	134,0
(Коҳ)*	23,0	124,8	22,8	121,6	28,1	130,5	27,4	134,0
Сули макка дон	60,2	42,5	59,4	42,8	61,6	43,7	63,1	48,1
Бехмеваи хӯроки	333	223,0	249,6	318,6	178,5	191,1	350,2	805,4
Ҷуворимакка барои силос ва тарбеда	215	192,5	137,6	134,5	205,6	228,7	349,5	391,4
Алафи як сола	18,3	14,0	14,4	17,6	16,3	15,7	15,4	17,9
Алафҳои бисёрсола	57,1	41,6	54,4	53,6	69,3	71,5	69,0	76,2
Алафҳои табиӣ	11,1	11,3	10,6	10,5	10,8	11,1	11,2	11,3

Манбаъ: Маҷмуаи Агентии омори кишоварзии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2024. Саҳ 286-289 139-147; 185-193 ва Вазорати Кишоварзии Тоҷикистон

***** Миқдори коҳ шартан бо миқдори ғалладонаги (гандум) қабул шудааст.

Дар давоми солҳои таҳлилӣ ҳосили асосии ғалладона ва зироатҳои хӯроки чорво афзоиш ёфта (ба ғайр аз он солҳое, ки бо шароити ниҳоят номусоиди обу ҳаво фарқият доранд). Дар баробари ин дараҷаи мутлақи ҳосилнокии ин зироатҳо, маҳсусан дар зироатҳои хушсифат ба монанди ҷуворимакка, дигар зироатҳои силос омодакунӣ, бехмеваи хӯроки чорво ва алафҳои яксола низ ба талаботи начандон ҷавобгу мебошанд.

Маълум аст, ки яке аз омилҳои асосие, ки ба маҳсулнокии чорво ва сифати шири душидашуда, таъсир мерасонад ва самаранокии истеҳсолии онро ифода менамояд, хӯроки пурғизо аст. (ҷадвали 6)

Ҷадвали 6. - Сарфи хӯрока ба як воҳиди истеҳсоли шир дар НТҶ

Нишондиҳандаҳо	Ба ҳисоби миёна дар НТҶ	2020	2021	2022	2023	2024	Соли 2024 нисбат ба соли 2020, бо %
Саршумори миёнаи солонаи чорвои ширдеҳ, ҳазор сар (модагов)	339,1	325,0	333,5	340,1	357,8	368,0	108,5
Истеҳсоли умумии шир, ҳазор сентнер	21841,6	21490,1	21471,9	21791,9	22612,5	24165,1	110,6
Ширдӯшӣ аз ҳар сар чорвои ширдеҳ, кг	2610,75	2914,0	2663,0	2375,0	2475,0	2073,0	79,40

Идомаи ҷадвали 6.

Сарфи умумии хӯроки чорво ба ҳар сентнер шир, сентнер воҳиди хӯрока	1,2	1,7	1,3	1,4	1,2	1,2	100,0
Аз ҷумла еми чорво, сентнер ем воҳид	0,38	0,51	0,41	0,60	0,36	0,4	105,2
Ҳиссаи еми чорво, %	25,8	30,5	31,0	42,8	30,9	32,1	124,4

Сарчашма: Вазорати Кишоварзии Ҷумҳурии тоҷикистон

Аз рақамҳои ҷадвали 6. бар меояд, ки солҳои таҳлили дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ саршумори чорвои калони шохдор, модаговҳо, рушди устуворро дороянд (13,2%), ки дар натиҷа истеҳсоли умумии шир низ афзоиш ёфтааст [6]. Вале суръати афзоиши саршумор ва истеҳсоли шир мувофиқат намекунад, ки он аз коҳиш ёфтани маҳсулнокии модаговҳоро нишон медиҳад, ки онҳо асосан коҳиш ёфтани манфиати иқтисодии молистеҳсолкунандагон номутаносибии нархҳои молҳои саноатӣ ба кишоварзӣ, сари вақт пардохт накардани маблағҳо, дар натиҷа афзоиши қарз, коҳиш ёфтани майдони чарогоҳ, маҳсулнокии чорво таъмин нагаштани чорво бо хӯрока, норасогиҳои захираҳои моддӣ-техникӣ, хусусан нокифоягии равандҳои селексионӣ-хушзоткунӣ мебошанд.

Таҷрибаи давлатҳои ҷаҳон ба монанди Дания, Олмон, Австралия ва дигар давлатҳо чорвои хушзотро харидорӣ намуда, аввалан истеҳсоли шир нишондиҳандаҳои иқтисодии онро (меҳнатталабӣ, энергияталабӣ, арзиши аслӣ) беҳтар намуда, фоида ба даст меоранд.

Барои ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ бояд самаранокии истифодаи қувваҳои истеҳсолкунанда таъмин гарданд. Дар соҳаи чорводорӣ самти ширдеҳ қувваҳои истеҳсолкунанда ин замин, воситаҳои техникӣ, миқдорӣ чорво, базаи хӯрока, зичии чорво бо воҳиди заминҳои кишоварзӣ ва ҳамчун нишондиҳандаи интенсификатсия баромад менамоянд.

Ба таври мушахасс муайян намудани ҳолати чорвои калони шохдор самти ширдеҳ аз маълумотҳои як чанд хоҷагиҳои пешқадами ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ таҳлил ва хулосабандӣ намудем (ҷадвали 7).

Ҷадвали 7. - Нишондиҳандаҳои асосии соҳаи чорводори самти ширдеҳ

Солҳо	**ҶДММ «Л. Муродов»**				**ҶДММ «Фаровон»**			
	Саршумор, сар.		Истеҳсол, сен.		Саршумор, сар.		Истеҳсол, сен.	
	ЧКШ	Модагов	гӯшт	шир	ЧКШ	Модагов	Гӯшт	шир
2020	800	355	916	15373	200	62	156	1846
2021	810	355	943	16149	208	63	160	1852
2022	870	357	1182	16646	214	63	176	1863
2023	868	356	1223	16440	217	64	182	1875
2024	888	336	1266	14657	229	65	191	1892
2024 бо % 2020	111,0	94,6	138,2	95,3	114,5	104,8	122,4	102,5

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои хоҷагиҳо

Чунончи аз таҳлили ҷадвали 7 бармеояд, саршумори чорвои калони

шохдор дар ҶДММ «Л. Муродов»-и шаҳри Ҳисор ва ҶДММ «Фаровон» ш. Ваҳдат соли 2024 мутаносибан ба 888 сар ва 229 сар расидааст, ки нисбат ба соли 2020 88 ва 29 сар зиёд мебошанд, вале саршумори модаговҳо дар ҶДММ «Л. Муродов» 19 сар кам, дар ҶДММ «Фаровон» 3 сар зиёд шудааст. Зимни таҳлил маълум гардид, ки ҷамъият солҳои охир оиди тақвият бахшидан ба равияи гӯштии чорвои калони шохдор таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, дар маҷмуъ 11 фоизи афзоишёбии чорвои калони шохдор ба ҳамин мақсад мебошад.

Таҳқиқотҳои гузаронидашудаи олимон исбот намудааст, ки бо назардошти хусусиятҳои хоси ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ (шароити табиӣ-иқлимӣ, бозорҳо ва монанди ҷойгиршавии амудӣ муҳити нуқтаҳои фурӯши маҳсулот, сатҳи кумаки давлатӣ дар миқёси кишвар, ноҳияҳо вуҷуд доштани бозори хӯрока, захираҳои меҳнати ва арзиши онҳо) дараҷаи рақобатпазирии маҳсулоти чорвои ширдеҳ ба маҳсулоти бурунмарзӣ дар кишоварзии минтақаи мазкур маҳсулнокии чорвои ширдеҳ зиёда аз 4000 килограмм таъмин кардан мумкин аст.

Натиҷаи нигоҳ доштани сатҳи механикониии равандҳои истеҳсолӣ, афзоиши саршумори чорво, хусусан модагов беҳтар намудани сохтори пода, истифодаи оқилонаи хӯрока, об, барқ, меҳнат ба натиҷаи ниҳоии самаранокии фермаи чорво, сифати маҳсулоти он таъсири бевоситаи худро мерасонанд. (ҷадвали 8)

Ҷадвали 8. - Истеҳсоли шир дар хоҷагиҳои мушахасс (дар 2024с.)

Нишондиҳандаҳо	**Номгӯи хоҷагиҳо**		
	ҶДММ «Л. Муродов»	**ҶДММ «Алмир»**	**ҶДММ «Фаровон»**
ҳамагӣ коргарон, одам	44,0	46,0	30,0
хароҷоти меҳнат: - одам/рӯз - одам/соат	12906 90342	12990 90930	9015 63105
миқдори умумии модагови ширдеҳ, сар	336	450	65
Миқдори шири физики, сентнер	14657,0	23999,8	1892,0
ҳамагӣ шири шартӣ, сентнер	1,032 15126,0	1,028 24671,8	1,030 1948,8
арзиши умумии маҳсулоти шартӣ, ҳазор сомонӣ	7941,15	1142,87	1064,4
Аз он ҷумла 1 сентнер, шири шарти сомонӣ	525,0	463,23	546,18
Маҳсулнокии меҳнат: ба 1 нафар корманд ҳаз. сомонӣ; одам рӯз; одам соат соминӣ	180,48 615,31	248,45 879,81	34,48 118,07
ба 1 нафар корманд сомонӣ	87,90	125,60	16,87
Ширдӯши аз 1сар	4362,20	5333,3	2910,7

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои хоҷагиҳо

Аз рақамҳои овардашудаи ҷадвали 9 маълум мегардад, амалӣ гаштани равандҳои истеҳсолӣ бо истифодаи техника, механикунонӣ дар асоси истифодаи қуваи барқ коҳишёбии хароҷоти меҳнат мутаносибан баланд гаштани маҳсулнокии меҳнат таъсир расонидаанд. Ба ғайри афзоиши маҳсулнокии меҳнат, баланд шудани сифати шир низ ба назар мерасад, ки

ниҳоятан арзиши аслии 1 сентнер шири шарти низ коҳиш ёфтааст. (ҷадвали 9)

Барои асоснок намудани ҷолибияти рушди соҳаи чорводорӣ, аз он ҷумла чорвои калони шохдор самти ширдеҳ самаранокии онро мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Ҷадвали 9. - Самаранокии истеҳсоли шир дар хоҷагиҳои чорводории ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (2024с.)

Нишондиҳандаҳо	ҶДММ			Алмир нисбати %	
	«Л. Муродов»	«Алмир»	«Фаровон»	«Л. Муродов»	«Фаровон»
Саршумори ЧКШ; сар	811	980	229	120,8	427,2
Маҳсулнокии чорвои ширдеҳ, кг	4362,2	5333,3	2910,7	122,2	183,2
Миқдори кормандон, нафар	44,0	46,0	30	104,5	153,3
Хароҷоти меҳнат ба 1сент, шир, одам/соат	6,16	3,79	33,35	61,5	11,4
Арзиши аслии1сентнер шир, сомонӣ	541,80	476,20	562,58	87,9	84,6
Нархи 1сентнер шир, сомонӣ	700,0	700,0	700,0	-	-
Фоида аз 1сентнер шир, сомонӣ	158,2	223,8	137,42	141,5	162,9
Дараҷаи даромаднокӣ %	29,20	47,00	24,43	161	192,4

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои хоҷагиҳо

Чуноне, ки рақамҳои ҷадвали 9 шаҳодат медиҳанд, самаранокии бештар дар ҶДММ «Алмир» дида мешавад ва нисбатан камтар дар ҶДММ «Фаровон», чун ки хоҷагии мазкур нисбатан хурд буда асосан дар он 30 нафар кормандон фаъолият менамоянд. Дар рафти иҷрои кори мазкур қайд шуда буд, ки ҳолати иҷрои равандҳои технологӣ, хӯронидан, нигоҳубин куллан ба монанди дигар хоҷагиҳое, ки мавриди таҳлил қарор гирифтанд ба монанди ҶДММ «Л. Муродов» ва ҶДММ «Алмир», ки дар ноҳияҳои гуногуни НТҶ ҷойгиранд наҷандон фарқиятро дорост.

Арзиши аслии 1-сентнер шири истеҳсолшудаи ҶДММ «Алмир»-476,20 сомониро ташкил диҳад дар ҶДММ «Л. Муродов»- 541,8 сомони ва дар ҶДММ «Фаровон»-562,58 сомонӣ яъне он нисбати ҶДММ «Алмир» ва ҶДММ «Л. Муродов», мутаносибан 18,1% ва 3,8% баланд мебошад, ки дар натиҷа сатҳи даромаднокии хоҷагии ҶДММ «Фаровон» нисбати ҶДММ «Алмир» қариб 2-маротиба кам мебошад. Таҳлилҳои амиқи омилҳои таъсиррасон исбот менамоянд, ки самараноки нокифояи ҶДММ «Фаровон» натанҳо аз саршумор балки аз маҳсулнокии пасти чорво маншаъ мегирад. Маҳсулнокии чорвои хоҷагии мазкур нисбати дигар хоҷагиҳо қариб 2-маротиба кам мебошад, яъне аз ҳар як сар модагови душои ба ҳисоби миёна 2910,7 литр шир истеҳсол гаштааст, ки ҳаррӯза ба ҳисоби миёна 9,7 литрро ташкил медиҳад. Маълум аст, ки нархи хӯрока, хароҷотҳои нигоҳдорӣ ва дигар пардохтҳои ҳатми ва трансаксионӣ чун хароҷоти доими баромад менамояд аз миқдори чорво тағир намеёбад вале дар арзиши аслии маҳсулот нақши худро мебозад.

Аз гуфтаҳои болобар меояд, ки барои баланд бардоштани самаранокии соҳаи мазкур омилҳои асосии таъсиррасонро ба монанди маҳсулнокии чорво; зотҳои сермаҳсул дар асоси сохтори пода; нақша ва баланси хӯрока; амалӣ

гаштани технологияҳои захирасарфакунанда консентратсияи хоҷагиҳои хурд; махсусгардонии амиқ хусусан дар асоси ташкили кластер ва микрокластери соҳаи мазкур афзалиятнок мувофиқи мақсад аст.

Дар боби 3 «Самтҳои асосии рушди зеркомплекси чорвои ширдеҳ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ», ташкили кластер ва микрокластерҳо ҳамчун омили рушди зеркомплекси чорвои ширдеҳ, технологияи замонавӣ-иноватсионӣ чун самти афзалиятноки самаранокии зеркомплекси чорвои ширдеҳ, батанзимдарорӣ ва такмили давлатии зеркомплекси чорвои ширдеҳ яке аз роҳҳои тараққиёт дар шароити муосири иқтисодӣ таҳлилу арзёби гаштаанд.

Дар адабиёти муосири иқтисодӣ ватани ва хориҷӣ ба иттиҳодияҳои кластерӣ таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад. Самтҳои ҳархелаи ташкил ва амали гаштани онҳо оварда шудаанд.

Майкл Портер дар асарҳои илмӣ самти иқтисодӣ ақида, фикрҳо ва пешниҳодҳои ҷолиби диққати худро овардааст, «яке аз онҳо оиди назарияи кластер дар фаҳмиши ҳозираи кластер ва бартарии онро ҳамчун аз нуқтаи назари ҷуғрофӣ якҷоя гаштани гурӯҳи ширкатҳои таъминкунанда ва фурӯшандагони махсусгардонидашуда дар соҳаҳои мухталиф, инчунин ба фаъолияти онҳо алоқаманд, ки ба ҳам рақобат менамоянд ва ҳамзамон ҳамкори доранд» муаррифи намудааст [23, С.88].

Ба ақидаи олими рус Алтухов И.А. «...дар кишварҳои пешрафта соҳаи кишоварзӣ ба принсипи кластерҳо сохтори калон асос ёфтааст, ки тамоми занҷирро аз истеҳсолкунанда то фурӯшандаи маҳсулоти комплекси агросаноатӣ, аз ҷумла инфрасохтори рушдкарда ва ташкилотҳое, ки дар ин соҳа ба таҳқиқоти илмӣ машғуланд, муттаҳид мекунанд» [10, С.408].

А.П. Градов «...ҳамоҳангсозии аъзои кластерро шакли ояндадори танзими давлатии иқтисодиёт дар сатҳи минтақавӣ номидааст» [13, С.98].

Ба ақидаи А. Романов А. ва Арашуков В. «кластер як сохтори шакли ташкилию ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад ва ҳамчун шахси ҳуқуқӣ амал менамояд» [32, С.41].

Муҳаққиқи дигар Беспахотный Г.В., зери мафҳуми агрокластер «..сохтори муттаҳидшудаи ба инноватсионӣ равонашуда, аз ҷиҳати ҳудудӣ маҳаллигардонидашудаи бо унсурҳои ташкилоти шабакавӣ, ки дар заминаи истеҳсолоти кишоварзӣ ташкил карда шудааст, аз ҷумла соҳаҳои гуногуни комплекси агросаноатӣ, ки қисми занҷираи технологии арзиши иловашуда мебошанд, мефаҳмад» [11, С.178].

Ба фикри мо, дар мафҳуми амиқи кластер ҳудудии инноватсионӣ (кластер, микрокластер), корхонаю ташкилотҳо (аъзоёни кластер), маҷмӯи хоҷагиҳо, ки дар ҳудуди муайян ҷойгиргашта, бо назардошти омилҳои зерин арзёби намудан мувофиқи мақсад мебошад:

- ҳампайвастии иштирокчиён ҳамчун ҷузъи ягонаи илмӣ- амалӣ дар як ё якчанд соҳа, самт (дар асосии фаъолияти гуногунии истеҳсолӣ-иқтисодӣ, молиявӣ, таъминоти хизматрасонӣ);

- механизми мушахаси амалӣ гаштани фаъолият ва ҳамкории ҳамаи аъзоёни он;

- ба даст овардани самараи беҳтарини натиҷаи ниҳоии фаъолият дар умум ва ҳар як аъзои мушахасси онро (корхона ё ташкилот) ифода менамояд [6-М, С.158].

Кластери маҳсулоти ширӣ ҳамчун гуногун самт ва бисёрсатҳа мебошад, бинобар он дар сохтори худ он ташкилотҳои иттилоотию таҳлилӣ ва машваратӣ нақши муҳим мебозад ва бо тамоми субъектҳои кластер робитаи ҳаматарафа доранд чун дар модел ба шакли зерин пешниҳод менамоем. (расми 4).

Расми 4. - Модели кластери соҳаи чорвои калони шохдор, самти ширдеҳ
Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Аз ин лиҳоз аъзоёни кластер дар самтҳои мухталифи фаъолияти хоҷагидории худ мустақилиашонро нигоҳ медоранд ва бо дигар ҳамкорон бо назардошти ҳампайвастии манфиати якдигар ва бо натиҷаи ниҳои судманд, расидан фаъолият менамоянд. Барои амалӣ ва амиқ гаштани фаъолияти кластери мазкур таркиб ва сохтори онро пешниҳод менамоем. (расми 5)

Расми 5. - Таркиби кластери соҳаи чорвои калони шохдор, самти ширде

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Дар ҳамаи ҷузъҳо, шарикон дар асоси ҳампайвастии манфиати тарафайн барои ноил шудан ба мақсади ниҳоӣ ба даст овардани фоида ва таъмини амнияти озуқавории давлат ҳамгирои менамоянд.

Яъне кластер –иттиҳодия ё (комплексе), ки дар асоси озодона сарҷамъшудаи як қатор корхонаҳои истеҳсолии соҳаҳои кишоварзӣ, саноатӣ, коркард, ташкилотҳои гуногуни (инфрасохторҳои хизматрасонӣ, таъминотӣ, кадрӣ, ахборотӣ-иттилоотӣ, логистикӣ-нақлиётӣ, ки дар натиҷаи якҷоя намудани сармоя, захираҳо, дар асоси кооператсия ва тақсими меҳнат бо мақсади истеҳсоли маҳсулоти бисёр ва хароҷоти камтарин бо сифат ба даст овардани фоида фаъолият менамоянд ва аз натиҷаи ниҳоии он ҷавобгар мебошанд фаҳмида мешаванд [6-М, С.158].

Иштирокчиёни кластер дар миқёси ҷори намудани навовариҳо низ бартариҳоро ба монанди: дастрасӣ ба технологияҳои навтарин, тарзҳои беҳтарини амалӣ гаштани равандҳои истеҳсолӣ, фавран ба эътибор гирифтани ҳолати дигаргуншавии муҳити беруна, рафтори харидорон, миёнаравон, таъминкунандагон ва рақибонро таъмин менамоянд, доро мебошанд [6-М, С.158].

Дар асоси маълумотҳои мушахасс коэффитсенти истеҳсоли шири шаҳру ноҳияҳо, вазни хоси шумораи аҳолии шаҳру ноҳияҳо, истеҳсоли маҳсулоти умумии шаҳру ноҳияҳо, коэффитсенти истеҳсоли шир ба сари ҳар як аҳолӣ, коэффитсенти махсусгардонии шаҳру ноҳияҳо пешниҳод гардидааст, ки аз рӯи маводҳои мазкур мо дар ҷадвали 10. минтақаи мавриди таҳқиқро бо назардошти ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, ҳолати инфрасохторҳои мавҷуда ба 2 кластер ҷудо намуда маркази кластери 1 дар ноҳияи Рӯдакӣ ва маркази кластери 2 ноҳияи Раштро интихоб намудем иқтидор ва имкониятҳои истеҳсолии онҳоро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додаем [6-М, С.160] (ҷадвали 10).

Мақсад, моҳият ва афзалияти интихоби маркази кластерҳо дар он аст, ки аввалан он инфрасохтори хело хуби техникӣ, технологӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ташкилӣ ва зичии баланди аҳолиро доро мебошад, ки хароҷоти нақлиётӣ, нигоҳдорӣ, ташкилотҳои саноатӣ хуби коркарди шир гирифтан ва фурӯши маҳсулоти ниҳоии онро таъмин намуда метавонанд кластери I – ноҳияи Рудакӣ [6-М, С.161].

Кластери II- ноҳияи Рашт нисбатан дар мобайнӣ водии Рашт ҷойгир буда шароити ҷуғрофи ва мавзеи хубтар (паҳнои) инфрасохтори лозима миқдори зиёди хоҷагиҳо ва зиёда аз нисфи шири истеҳсолгаштаи кластери мазкурро дар он истеҳсол мегардад интихоб намудем.

Ҷадвали 10. - Саршумор, истеҳсол ва маҳсулнокии ЧКШ (модаговҳо) дар корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ дар соли 2023

Ноҳияҳо	Шумораи модаговҳо			Истеҳсоли шир, тонна			Ширдушӣ аз 1 сар модагов, тонна	
	Дар корхонаҳои кишоварзӣ	Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ	Ҳамагӣ	Дар корхонаҳои кишоварзӣ	Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ	Ҳамагӣ	Дар корхонаҳои кишоварзӣ ва ХД	Ба ҳисоби миёна 1 модагов, кг
Турсунзода	538	79	617	3115	34	3149	5693	5103,73
Ҳисор	1154	307	1461	441	751	5192	3703	3553,73
Шаҳринав	120	305	425	210	671	881	2092	2072,94
Рӯдакӣ	89	775	864	147	598	745	2658	862,27
Варзоб	45	377	422	27	402	429	1115	1016,59
Ваҳдат	159	976	1135	363	915	1278	1805	1125,99
Файзобод	76	2566	2642	132	2551	2683	1572	1015,52
Кластери I	**2181**	**5385**	**7566**	**8435**	**5922**	**14357**	**x**	**1897,57**
Нуробод	-	157	157	-	53	53	1237	337,58
Сангвор	13	172	185	3	386	389	2088	2102,7
Рашт	54	1346	1400	74	1420	1494	2061	1067,11
Тоҷикобод	-	108	108	-	192	192	1745	1777,78
Лахш	124	521	645	-	12	12	-	18,6
Роғун	-	152	152	-	89	89	677	585,52
Кластери II	**191**	**2456**	**2647**	**77**	**2152**	**2229**	**x**	**842,08**
НТҶ	**2372**	**7841**	**10213**	**8511**	**8074**	**16588**	**2491**	**1624,01**

Сарчашма: Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи омори солонаи 2024. С.243, 245, 287-289, 304 [6-М с.161].

Таҳлили гузаронида ба мо имконият медиҳад, ки махсусгардонии микрокластерро дар миқёси ноҳияҳои тобеи ҷумуҳурӣ асосонок намоем [6-М, С.161]. (ҷадвали 11).

Ҷадвали 11. – Нишондиҳандаҳои умумии микрокластер дар миқёси НТҶ

Кластер	Шумораи ноҳияҳо	Ҳамагӣ истеҳсоли шир, тонна	МУ бо нархи қиёсии соли 2023, млн. сомонӣ	Шумораи аҳолӣ, ҳаз. нафар	Истеҳсоли шир ба сари ҳар як нафар аҳолӣ	Коэффисиент				
						Истеҳсоли шир дар кластер нисбати умумӣ	Шумораи аҳолии кластер нисбати умумӣ	Истеҳсоли МУ кластерҳо нисбати умумӣ	Истеҳсоли шир ба сари ҳар аҳолии кластер ба коэффитсенти шумораи аҳолӣ	Махсус-гардонии кластер
0	1	2	3	4	5	6	7	8	9	10
I	7	160977	7499,6	1801,3	89,367	0,712	0,820	0,743	0,868	0,958
II	6	65148	2592,6	395,5	164,723	0,288	0,180	0,257	1,600	1,121
∑	**13**	**226125**	**10092,2**	**2196,8**	**102,934**	**1,000**	**1,000**	**1,000**	**1,000**	**1,000**

Сарчашма: Дар асоси маводҳои овардашудаи ҷадвали 3.1.2. [6-М с.162].

Афзалиятнокии дигари кластерҳоро аз ҷиҳати иқтисодии минтақа ин фароҳам овардани имтиёзҳои мақсаднок барои дигар ташкилотҳо, таъмини рушди бозори дохилӣ, арзёбӣ намудан мумкин аст, ки ба иқтисодиёти минтақа аҳамияти хоси худро дороянд, мебошад [6-М, С.162].

Барои амали гаштани фаъолияти кластери мазкур нақшаи сохтори ҳамкории муштарак байни иштирокчиёни (ташкилотҳои) микрокластери чорвои ширдеҳ ва омилҳои асосии таъмини рушди микрокластери пешниҳод гашта дар ноҳия тарҳрези намудаем, ки имкониятҳои хосро фароҳам меоранд. (расми 6.).

Сиёсати давлатӣ оид ба ҷорӣ ва истифода бурдани технологияҳои инноватсионӣ дар фаъолияти истеҳсолии чорвои ширдеҳ, маҳсулотҳои ширӣ аз ҷиҳати экологӣ тоза, дар шароити ҳозира бисёр ҳам муҳим, мубрам ва зарур мебошад, натиҷаи ҷорӣ намудани онҳо ба сифату суръати рушди иқтисодии соҳа, дар маҷмӯъ ба рақобатпазирии саноатии хоҷагиҳои инфиродӣ, корхонаҳои истеҳсоли маҳсулотҳои ширӣ оварда мерасонад [2-М, С.214].

Расми 6. - Сохтори ҳамкории муштарак байни ташкилотҳои микрокластери чорвои ширдеҳ

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Таҳқиқотҳо нишон доданд, ки истеҳсоли шир дар асоси истифодаи навоваријҳои инноватсионӣ, бисёр ҷанбаҳои фаъолияти технологӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ, техникӣ ва зооветеренарриро дар хоҷагиҳои фермерӣ ва комплексҳои калони махсусгардонидашударо дар бар мегирад, ба таври зерин пешниҳод намоем. (расми 7)



Расми 7. - Самт, механизм ва инноватсия барои таъмини рушди соҳаи чорводории самти ширдеҳ

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Амалӣ гаштани самт ва механизмҳои инноватсионии рушди соҳаи чорвои ширдеҳ, афзоиши маҳсулоти он, таъмини аҳолӣ бо маводи озуқавори ба монанди шир ва маҳсулотҳои ниҳоии саноатии он амалӣ мегарданд.

Рақобатнокӣ байни истеҳсолгарони намуди маҳсулот метавонад бо назардошти омилҳои зерин таъсири худро расонанд:

-миқдори истеҳсол ва номгӯи махсулот (гӯшт, шир тухм);

-сифат, ғизогӣ, кафолат;
-нарх ва тағйирёбии он;
-фурӯш ва талафот;
-сатҳи харидорӣ ва талабити аҳолӣ ба намуди маҳсулот.

Маълумотҳои оварда шуда гувоҳи медиҳанд, ки навовариҳо инноватсия дар соҳаи чорводории хоҷагиҳо дар давраи ҳозира метавонад, муайян намоянд, ки чӣ қадар, чи тавр оқилона ва аз нуқтаи назари экологӣ безарар маҳсулотҳои соҳаи чорводориро истеҳсол намоянд.

Ба фикри муаллиф, шакли дастрасӣ, амалӣ гаштани он ин тартиб додани харитаҳои технологии истеҳсоли шир, дар асоси интихоби оқилонаи тарзҳои пешқадами нигоҳдории чорво ва амалӣ гаштани равандҳои истеҳсолӣ воситаҳои механиконидани онҳо мебошанд.

Харитаҳои технологӣ қисмҳои асосии технологӣ, техникӣ, иқтисодӣ ва ташкилиро дар бар гирифта ҳар кадоми онҳо хусусиятҳои хоси худро дороянд, қисмати технологӣ ҳамчун асоси ҳамаи амалиётҳои зооветеринариро пешбини намуда нақшаҳои амиқи равандҳои истеҳсолиро, (ки барои ба даст овардани маҳсулоти ниҳоӣ шир анҷом дода шаванд) дар бар мегиранд.

Ҷадвали 12. - Нишондиҳандаҳои арзишии истеҳсоли шир бо шаклҳои гуногуни нигоҳубини чорвои ширдеҳ

Нишондиҳандаҳо	Имкониятҳо барои нигоҳубини чорвои ширдеҳ		
	Подаи чорвои ширдеҳ - 400 сар		
	I оғилӣ	II катак	III дар майдончаҳо озод
Хароҷоти1 ҷой чорво ЧКШ, ҳаз. сомонӣ	37,72	29,64	27,56
Хароҷот 1 сар/ЧКШ бо иловаи ҳисобҳо, сомонӣ.	93,76	89,68	90,00
Арзиши 1 тонна хӯрока, сомонӣ	3061,00	3061,00	3061,00
Арзиши 1 м^3 об, сомонӣ	16,53	16,53	16,53
Арзиши 1 т маводи фарши, сомонӣ	500,00	500,00	500,00
Арзиш 1 кВт-соат, сомонӣ	0,70	0,70	0,70
Арзиши 1 т/км, нақлиёти сомонӣ	8,32	8,32	8,32
Хизматрасонии байторӣ 1 сар., сомонӣ	166,40	166,40	166,40
Арзиши 1 т ахлот, сомонӣ	75,00	75,00	75,00
Нархи фурӯши 1 сентнер шир, сомонӣ	1050	1050	1050

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Дар асоси маълумотҳои мушахасс нақшаи хӯрокаи чорвои ширдеҳ ба як сар, сарфи хӯрока, хароҷоти меҳнат, ҳамаги истеҳсоли шир ва нишондиҳандаҳои арзишӣ бо назардошти тарзи нигоҳдорӣ ва самаранокии технологияҳои гуногун таҳрези ва исбот шудааст. (ҷадвали 12)

Маълумотҳои оварда шуда гувоҳи медиҳанд, ки нархи фурӯши 1 сентнер шир 1050 сомонӣ ва арзиши аслии он бо шакли оғилӣ 859,66 сомонӣ, шакли катак -14,3%, шакли майдончаҳо -14,2% коҳиш ёфта афзоиши даромаднокии истеҳсолии онҳоро мутаносибан 20,4 ва 20,3 %

таъмин гаштааст.

«Дар давлати мо низ яке аз ҳадафҳои асосии дастгирии давлатӣ ин таъмин бахшидан ба зеркомплекси маҳсулоти ширӣ ва қонеъ намудани эҳтиёҷоти аҳолӣ ба шир ва маҳсулоти ширӣ коркарди саноатии он дар ҷумҳурӣ ва ноҳияҳои тобеъи он истеҳсолшаванда мебошад» [36 с.296].

Барои устувор нигоҳ доштани рушди соҳа Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва «Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020-ро қабул кард, ки мақсади асосии он бо истифода аз ҳамаи имкониятҳо таъмини соҳаи кишоварзии сердаромад ва ноил гаштан ба ҳадафи амнияти озуқавории мамлакат, инчунин тақвият бахшидан ба содироти маҳсулотҳои кишоварзии кишварро дар бар мегирад» [4, С.103].

Дастгирии давлат бахши аграрии иқтисодиётро дар имконияти номутаносубии мубодилаи молҳои саноатӣ ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт бо соҳаи кишоварзӣ коҳиш дода, бо ҳамин тарз фаъолияти ниҳоии самараноки онро таъмин ва идора менамояд.

Дар асоси барномаҳои давлат оиди рушди соҳаи кишоварзӣ хусусан соҳаи чорводорӣ, самти ширдеҳ ноил гаштан ба ҳадафи амнияти озуқавории мамлакат ва тақвият бахшидан ба содироти маҳсулоти соҳаҳои мухталифи чорводрӣ низом, вазифаҳо оид ба дастгирии чорвои ширдеҳ, ки се самти асосиро дар бар мегирад таҳия ва пешниҳод шудааст.



Расми 8. - Низом, вазифаҳо оид ба дастгирии чорводории ширдеҳ

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Барои таъмини рушд ва амалӣ гаштани дараҷаи худтаъминкунӣ бо озуқа дар асоси тараққӣ додани комплексӣ агросаноатӣ бо назардошти муносибатҳои бозоргонӣ иқтисодӣ ба монанди таҷрибаи давлати Руссия ва дигар мамлакатҳо пайваста ба роҳ мондан қобили қабул аст. Гарчанде сатҳи худтаъминнокии маҳсулоти шир, гӯшт ва тухм дар умум дар ҷумҳурӣ дар сатҳи паст қарор дошта, аз рӯи таҳлилҳои муайян гардид, ки дар ноҳияиҳои тобеи марказ тибқи дурнамо то соли 2030 бланд мегардад.

Бо ин мақсад нишондиҳандаҳои асосии таъминнокӣ бо маҳсулотҳои тавсиявиро дар (ҷадвали 13) мавриди омӯзиш қарор дода, дурнамои ҳаҷми истеҳсоли онро то соли 2030 пешниҳод менамоем (ҷадвали 13).

Ҷадвали 13. - Ҳолат, таъмини талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти соҳаи чорводорӣ, дар НТҶ

Намуди Маҳсулот	Меъёри* таъминнокӣ кг/дона	Дараҷа		Дурнамо		Сатҳи дурнамо бо % нисбати соли 2023	
		Воқеъӣ	Таъминнокӣ, %				
		2023	2023	2026	2030	2026	2030
Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ.тонна	40,32	85833,0	73	109600,1	178121,3	90,4	139
Шир ва маҳсулоти ширӣ.сентнер	113,76	2933,65	88,8	3315,02	49858,9	113,0	169,9
Тухм, ҳаз. дона	194,4	766,8	136	845,4	1005,0	110,2	131,0

Сарчашма: Ҷадвал дар асоси меъёрҳои тавсиявии физиологии истеъмолии маҳсулоти асосии озуқаворӣ ба ҳар сари аҳолӣ тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2018, №451. Инчунин, дурнамои афзоиши аҳолӣ, ки дар СМР Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, сах.98 нишон дода шудааст ва ҳисобкуниҳои муаллиф таҳия гардидааст.

Вазифаи дигари низоми таъмини устувори фаъолияти чорвои калони шохдор самти ширдеҳ ин афзоиши миқдори истеҳсолӣ шир мебошад. Маълум аст, ки ду роҳи ҳалли вазифаи мазкурвуҷуд дорад 1.Экстенсивӣ 2.Интенсивӣ роҳи якум қариб дар ҳамаи давлатҳои ҷаҳон истифода мешавад ва роҳи дуюм муаррифи ва қобили дастгири гаштааст. Яъне зиёд кардани потенсиалӣ ширри модагов бо тариқи интенсивӣ. Таҷрибаи ҷаҳони ва дастовардҳои олимони соҳаи мазкур исбот намудаанд, ки аз як модагови самти ширдеҳ (шартан сиёҳ-ало) то 20000 литр дар як сар маҳсулот (шир) гирифтан мумкин дар ҳолате, ки тамоми талаботҳои технолгӣ, зооветеренарӣ, физиологию биологӣ бояд риоя гарданд.

Маблағгузории шакли дигари дастгирии иқтисодии молистеҳсолкунандагон мебошад, аз сабаби хавфнок будани истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ таваҷуҳи маблағгузорон хело суст буда дар бисёр ҳолатҳо дастгирии сармоягузоронро аз байн мебарод ва ягона роҳе дар низоми иқтисодии бозаргони вуҷуддошта ин дастгирии давлат мебошад, ба монанди субсидия, ки он асосан бебозгашт ва мақсаднок буда ҳамчун кумаки молиявӣ ба муҳтоҷон, молистеҳсолкунандагони гуногун аз тарафи маблағгузорон баромад менамояд.

Барои амалӣ гаштани субсидия шароитҳои махсус вуҷуд доранд, ки он дар диссертатсия акс бардори гаштааст ва аз 7 шарт иборатанд. Бо назардошти онҳо алгоритми гирифтани онро тарҳрези ва методикаи амали гаштани онҳоро пешниҳод намудаем.



Расми 9. Алгоритми гирифтани субсидия барои зиёд кардани саршумори чорвои ширдеҳ

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Барои гирифтани субсидия аз ҷониби мо методикаи амали гаштани он ба тарзи зерин таҳия ва пешниҳод шудааст. (ҷадвали 14)

Марҳилаи якӯм - он ташкилотҳое, ки коҳишёбии саршумори чорвои ширдеҳи мавҷударо то мӯҳлати муайян гаштаи соли ҷорӣ пешгири менамоянд;

Марҳилаи дуюм - танҳо он ташкилотҳое дода мешавад, ки саршумори чорвои ширдеҳро аз 1 январи соли ҷорӣ то 1 октябри он сол афзоиш додаанд.

Ҷадвалӣ 14. - Меъёрҳои пардохтшаванда дар доираи барномаи дастгирии давлатӣ ба чорводории ширдеҳ

Номгӯи пардохт	Маблағи пардохт, сомонӣони /сар.
Дастгирии марҳилаи якум барои афзоиши саршумори чорво дар ноҳия (новобаста аз санаи харидории чорво).	22000
Дастгирии марҳилаи дуюм барои афзоиши саршумори чорво дар ноҳия баъди пардохти дастгирии молиявӣ дар марҳилаи аввал харидорӣ карда шудааст.	12 000

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

I. Дар марҳилаи якум, муайян намудани субсидия бо тарзи зерин сурат мегирад:

1. Муайян намудани коэффитсиенти шиддатнокии ноҳия (корхона):

$$Ki = H/Hcp, \quad (1)$$

дар ин ҷо: Ki - коэффитсиенти шиддатнокии ноҳия (хоҷагӣ);

Н - маҳсулнокии 1 сар модагов дар нимсолаи якум, дар миқёси хоҷагӣ, ноҳия;

Нср - маҳсулнокии 1 сар модагов дар нимсолаи якум дар миқёси ноҳия, вилоят, кг.

2. Ҳисобӣ намудани маблағи умумии субсидия. Дар марҳилаи якум:

$$Осі= ПСс1Кі \quad (2)$$

дар ин ҷо:

$О_{с1}$ - ҳаҷми субсидияи умумӣ дар марҳилаи аввал, сомонӣ;

П – саршумори чорво, сар;

$С_{с1}$ - меъёри субсидия дар марҳилаи якум, сомонӣ, (аз тарафи Раёсати кишоварзии ноҳия, вилоят муайян карда мешавад);

Кі - коэффитсиенти шиддатнокӣ.

II. Субсидияҳоро дар марҳилаи дуюм чунин ифода намудан мумкин аст:

1. Ҳисоби намудани коэффитсиенти шиддатнокии минтақа:

$$Км=Н/Нср, \quad (3)$$

дар ин ҷо: Км- коэффитсиенти шиддатнокии минтақа;

Н - ширдӯшӣ аз ҳар сар чорвои ширдеҳ дар нимаи дуюми соли ҷорӣ дар ноҳия, кг;

Нср – ширдӯшии миёна аз ҳар сар чорвои ширдеҳ дар нимаи дуюми соли ҷорӣ, дар минтақа, кг.

2.Муайян намудани маблағи умумии субсидия дар марҳилаи дуюм:

$$Ос_2= Уп*Сс_2*Км/,сомонӣ \quad (4)$$

дар ин ҷо: $Ос_2$ - маблағи умумии субсидия дар марҳилаи дуюм, сомонӣ;

Уп - афзоиши миқдори чорво дар марҳилаи дуюм нисбат ба марҳилаи якум, сар;

$Сс_2$ - меъёри субсидия дар марҳилаи дуюм, сомонӣ (аз ҷониби Раёсати кишоварзии ноҳия, вилоят муайян карда мешавад);

Км - коэффитсиенти шиддатнокӣ.

Барои дастрас намудани субсидия лозим аст: маълумот оиди хароҷоти амалишудаи соли гузашта (аз моҳи январи соли ҷорӣ), барои тасдиқи мақсади чорабиниҳои банақшагирифташуда. Хароҷоти қаблан сарфшуда ба эътибор гирифта намешаванд.

Ҳамин тавр, роҳандози намудани тарзи муайян намудани маблағгузорӣ- субсидия зиёд гаштани саршумори чорвои ширдеҳ, истеҳсоли шир ҳамчун дастгирии давлат барои ташкил ва таъмини рушди устувори зеркомплекси маҳсулоти ширӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мусоидат менамоянд.

Хулоса

Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

1. Аз омӯзиш, таҳлил, натиҷабардории адабиёти илмӣ-амалӣ, тахассусӣ, ақида ва диди олимони соҳа оид ба мавзуи кори илмии мазкур ва шарҳи моҳияти категорияи иқтисодии самаранокӣ ба чунин хулоса

омадем, ки он мазмун, мундариҷа, ки моҳияти самаранокиро ифода менамоянд ва аз ҳамдигар фарқ доранд. Бо назардошти ақидаи як қатори онҳо нуқтаи назари худро баён менамоем: «Самаранокии иқтисодӣ арзиши иқтисодие, ки тағйироти мусбии миқдорӣ ва сифатиро инъикос менамоянд, бо мурури замон дар асоси самаранокии истеҳсолот ба амал омада, афозиши онро таъмин менамоянд» фаҳмида мешавад.

2. Зеркомплекси соҳаи чорвои ширдеҳ ҳамчун ҷузъи комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ аз бахшҳои ба ҳам алоқаманд иборат буда, самт омилҳо, унсурҳои таркибии равандҳои истеҳсолот ва таъсири онҳо ба натиҷаи ниҳоии он ҳамчун қувваи таъминкунандаи пешрафти ҷамъият ва хусусиятҳои онҳоро муайян менамоянд, бо нишондиҳандаҳои мутлақ, нисбии асосӣ, натуралӣ, арзиши вобаста аз сатҳ ва миқёси корхона муайян шуда тафсири муаллифии мафҳумҳои «устуворнокии зеркомплекси маҳсулоти ширӣ» ва «фаъолияти устувори зеркомплекси маҳсулоти ширӣ» пешниҳод гаштааст.

3.Хӯроки пурғизо ҳамчун омилҳои асосӣ ва самаранокии истеҳсоли шир, дар сохтори арзиши аслии маҳсулоти мазкур он 60-70% - ро ташкил медиҳад. Риоя намудани низом, (нақша ва балансӣ) хӯрока ба як воҳиди маҳсулот, баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли ширро таъмин намуда метавонад ва аз он ҷумла, дар натиҷаи интихоби намудҳои ғизои баландсифат нигоҳ доштани технологияи тайёр намудани хӯрока баъдан дар нақшаи хӯрокаҳои омехта нигоҳ доштани тавозуни оқилонаи он барои гурӯҳҳои муайян ва сеюм, интихоби реҷаи муносиб ва усули хӯронидан мебошад, исбот шудааст.

4. Маълумоти таҳқиқӣ дар кори амалӣ исбот менамояд, ки дар маҷмуъ, қувваҳои истеҳсолкунандаи захираҳои меҳнати коргарони асосӣ нақши калидиро доранд, вале ба ғайри онҳо боз хизматчиён, механизаторҳо, мутахассисон ва роҳбарон ҳиссаи худро мегузоранд, ки дар маҷмуъ ҳар яки онҳо дар меҳвари вазифавиашон содиқона меҳнат намуда, дар натиҷа, маҳсулот ба даст меояд, ки онро мисоли се хоҷагии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ исбот менамоянд. Сарфи меҳнат ба 1 сар чорвои калони шохдор дар ҶДММ «Алмир»-92,8одам соат, дар ҶДММ «Латиф Муродов»- 111,4одам соат ва дар ҶДММ «Фаровон»-275,6 одам соат ташкил додааст.

5. Исбот шудааст, ки истифодаи воситаҳои механикӣ ва барқи кунонии равандҳои истеҳсолӣ чун омили баланд гаштани маҳсулнокии меҳнат ва коҳиш ёфтани хароҷот баромад менамояд. Дар хоҷагиҳои таҳлилшаванда (ҳамчун иллати интихобшуда) барои мусаллаҳшавии меҳнат ҶДММ «Алмир»-16,7 квт, ҶДММ «Латиф Муродов»- 13,64 квт, ҶДММ «Фаровон»-12,53 квт хароҷоти меҳнат ба 1 сентнер шир мутаносибан -3,79; 6,61; 33,35 одам соат ташкил додааст, омили дигари дигаргуншавии хароҷоти меҳнат ба як воҳиди шир ин саршумори чорво мебошад, миқдори аз ҳама бузург 980 ҶДММ «Алмир»; 811 ҶДММ «Латиф Муродов»; 229 ҶДММ «Фаровон» мебошад, исботи ҳамин гуфтаҳо

мебошанд.

6. Таҳлили равандҳои истеҳсолӣ шир ва тарзҳои амалӣ гаштани онҳо, ки ба натиҷаи фаъолияти хоҷагиҳо бевосита таъсир мерасонанд, бо нишондиҳандаҳои иқтисодӣ арзёбӣ гашта, исбот менамоянд, ки вобаста аз саршумори чорво, ҳайати коргарон, дараҷаи механикунонии равандҳои истеҳсолӣ, технологияи истифодашаванда талаботҳои зооветеринарӣ, нишондиҳандаҳои ниҳоии дигари самаранокиро низ дороянд. Сатҳи беҳтаринро ҶДММ «Алмир» ишғол мекунад, ки арзиши аслии 1 сентнер шир-476,2 сомонӣ, фоида -223,8 сомонӣ, дараҷаи даромаднокӣ -47,0% ва маҳсулнокии чорво -5333,3 кг/сол мебошад, яъне ҶДММ «Фаровон», ки дараҷаи даромаднокии истеҳсоли шир 24,43% ва маҳсулнокии чорво -2910,7кг бо 229 сар гови ширдеҳ ишғол менамояд, исботи он ки хоҷагиҳои хурди истеҳсолӣ на чандон самарабахшанд.

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

1. Дар асоси усулҳои мавҷудбудаи муайян намудани самаранокӣ, ки байни худ мухолиф намебошанд, балки ҳамдигарро комилан ғанӣ менамоянд ва барои осон шудани раванди мазкур усулҳои асосии онро бо назардошти меъёрҳои муайян арзёбӣ намудани он ба 4 усул гурӯҳбандӣ намудаем, ки ҳар яки онҳо барои омӯзиш гузаронидани таҳлил ва натиҷабардории ниҳоии хеш муфид ва зарур мебошанд: усулҳо, асос, меъёрҳои арзёбӣ ва самаранокӣ (натиҷабардорӣ).

2. Тибқи таҳқиқи муосири рушди зеркомплекси чорвои ширдеҳ дар мамлакатҳои хориҷа пешниҳод гардид, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи таҷрибаи Иттиҳодияи Аврупо дастгирии давлатии хоҷагиҳои кишоварзӣ, зиёда аз 45% арзиши аслии маҳсулот таҳким амалӣ гаштани истеҳсоли ҳаҷман хурд; тарзи Канадавӣ рушди зеркомплекси маҳсулоти ширии истеҳсоли нақшавии дохилӣ, нархгузории танзимшаванда ва назорати воридотии он; давлати Чин такя бо сармоягузории ширкати хориҷӣ ва корхонаҳои бузурги коркарди шир ва маҳсулоти ниҳоии он; таҷрибаи мамлакати дигари ИДМ Белоруссия ҷорӣ намудани низоми хӯрока ва хӯронидани чорвои ширдеҳ дар тамоми мавсим интенсификатсияи соҳаи мазкур, ки устуворнокии фаъолияти зеркомплекси маҳсулоти ширӣ ва худтаъминкунӣ бо шир самараноканд, мумкин аст таҷрибаи пешқадам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд.

3. Барои амалӣ гаштани тараққиёти соҳаи мазкур, аз нуқтаи назари самаранокӣ ҷалб намудани ширкатҳое ки ҳамчун сармоягузор барои рушди соҳаи чорводорӣ, аз ҷумла чорводории ширдеҳ баромад намуда метавонанд. Барои амалӣ гаштани технологияҳои пешқадами захирасарфакунандаи истеҳсолоти кишоварзӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули як қатор санадҳои меъёрӣ, ки ба ҷалби сармоягузорӣ ҳам барои навсозӣ ва таъмини рушди истеҳсолот ва ҳам ташкили иқтидорҳои нав ба шакли кластер ва микрокластери соҳаи чорвои калони шохдор самти ширдеҳ нигаронида шуда бошанд, мувофиқи мақсад мебошанд. Баҳодиҳии иқтидори чорводории ширдеҳи НТҶ алгоритми

ташкили микрокластери соҳаи мазкур ва равандҳои таъсиси онро дар сатҳи ноҳияи Рашт таҳрезӣ ва таҳия намудем.

Барои сода намудани равандҳои таъсиси микрокластер штирокчиёни онҳоро шартан ба 3 гурӯҳ ҷудо намудем:

1. Шурои ҳамоҳангсозӣ;

2. Ташкилотҳо, ассотсиатсияи истеҳсолкунандагони шир;

3. Ташкилотҳои коркарди инфрасохтори таъминоти хизматрасонӣ.

4. Исбот шудааст, ки барои рушд ва амалӣ гаштани фаъолияти микрокластерҳои чорвои ширдеҳ ташаккули муҳити рақобати байни субектҳои микрокластер як қатор омилҳо таъсир мерасонанд, ки дар якҷоягӣ меҳвари афзалияти онҳоро ифода менамоянд, таъсиси кластери ягонаи чорвои калони шохдор самти ширдеҳ модели он бо аъзоён, сохтор ва самтҳои фаъолият, ки самаранокии соҳа ва ҳалли қазияи таъмини аҳолӣ бо озуқаро амалӣ намуда метавонанд, нақш ва сохтори онҳо мушаххас пешниҳод гаштааст (расми 3.4. –и диссертатсия).

5. Модели кластери чорвои ширдеҳ, таркиб, сохтори он ва таъсири онҳо ба рақобатнокии ташкилотҳо, соҳаҳо ва аъзоёни он, вобаста аз саршумор, истеҳсол ва маҳсулнокии ЧКШ дар хоҷагиҳои кишоварзӣ, кластери якум ноҳияи Рудакӣ ва кластери дуюм ноҳияи Рашт пешниҳод шудаанд. Барои таъмини тақсими одилонаи натиҷаи ниҳоии ба даст омадаи фаъолияти ниҳоии кластер, байни иштирокчиён се шакли онро ба таври зерин, тавсия шудаанд:

- тақсимоти даромад, мутаносибан ба хароҷоти меҳнати зинда;

- тақсимоти даромад, мутаносибан ба арзиши фондҳои асосии истеҳсолии истифодашаванда;

- тақсимоти даромад, мутаносибан ба хароҷоти амалигашта.

6. Меъёри хароҷоти вақт ва амалӣ гаштани равандҳои технологӣ се шакли нигоҳдории чорво: оғилӣ, катак ва озод тарҳрезӣ гаштаанд. Барои исботи самаранокӣ ҷорӣ намудани технологияи гирифтани шир, тарзи нигоҳубин, нақша ва мувозинати хӯрока ва дигар технологияи нигоҳдории чорво (шакли оғилӣ ё катакӣ), ташкили оқилонаи равандҳои истеҳсолӣ, тартиб додани харитаҳои технологии истеҳсоли шир, ки дар маҷмуъ ба самаранокии истеҳсолот таъсир мерасонанд, тавсия гаштааст.

7. Равандҳо ва тадбирҳое, ки рушди соҳа дар асоси дастгирии давлатӣ афзоиши саршумори чорвои калони шохдори самти ширдеҳ нигаронида мешаванд, барои амалӣ намудани он, механизми самараноки муайяни субсидия оиди зиёд гаштани саршумори чорвои ширдеҳ, ки онро ҳамчун алгоритм таҳрезӣ намуда, методикаи ҳисоб намудани субсидия афзоиши саршумори чорвои ширдеҳро дар Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ таъмин менамоем, ки барои марҳилаи якум 40 миллион сомонӣ, марҳилаи дуюм 3,5 миллион сомонӣ, дар маҷмуъ 43,5 млн сомонӣ зарур мебошад, асоснок пешниҳод шудаанд.

Рӯйхати адабиёти истифодашуда

Санадҳи меъёрии ҳуқуқӣ

[1]. Барномаи бехатарии маҳсулоти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023, аз 31 октябри соли 2021, № 520 ш. Душанбе.

[2]. Барномаи маҷмуавии рушди соҳаи чорводорӣ, парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва занбӯриасалпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.03.2023, №52.

[3]. Барномаи рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030. 1 марта соли 2023 №54.

[4]. Барои устувор нигоҳ доштани рушди соҳа Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 “Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020”-ро [СМР- 2016., Душанбе 103с].

[5]. Қонун «Дар бораи амнияти озуқаворӣ», аз 04 апрели соли 2019 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2019, №1591, к.1, мод. 830; Қонуни ҶТ аз 27.11.2014 с., № 1158).

[6]. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2022. -С.30-37(саҳ. 47).

[7]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ, 23 - декабри соли 2022, 28 - декабри соли 2023, 28 - декабри соли 2024, 16-декабри соли 2025.

[8]. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. - Душанбе: Шарқи Озод, 2016. №636, -101с.

Захираҳои электронӣ:

[9]. Официальный сайт продовольственной сельскохозяйственной организации Объединенных наций [Электронный ресурс]. - Режим доступа: http://www.fao.org/home/ru.

Монография, китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ:

[10]. Алтухов, А. И. Российский АПК: современное состояние и механизмы развития: монография / А.И. Алтухов, В.А. Кундиус. - 2-е изд., испр. и доп. - М.: ФГУП «ВО Минсельхоза России»; Барнаул: изд-во АГАУ, 2006. - 723 с.

[11]. Беспахотный Г.В. Государственная поддержка сельского хозяйства (анализ действующей системы и обоснование ее изменений) / т Г.В. Беспахотный, Н.Г. Барышников, Л. А. Кошолкина. -М.: Международная Федерация Шоу Дао, 2006. -178 с.

[12]. Бобоазиззода Ш. А., Мадаминов А.А. “Муаммоҳои баланд бардоштани самаранокии маҳсулоти паррандапарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” Душанбе-2018. 144с.

[13].Градов А.П. Национальная экономика [Текст] / А.П. Градов. 2-е изд.- СПб.: Питер, 2007.- 240 с.

[14]. Добрынин В.А. Актуальные проблемы экономики

агропромышленного комплекса / В.А. Добрынин. -М.: Издательство МСХА, 2001.-402 с.

[15]. Дугин П.И. Проблемы эффективности инновационного развития молочного скотоводства / П.И. Дугин, Т.И. Дугина, В.Е. Бердышев, М.В. Боровицкий и др. - Москва: Изд-во Центр современного образования, 2010. - 393 с.

[16]. Коваленко Н.Я., Агирбов Ю.А., Ахметов Р.Г. и др. Экономика сельского хозяйства. -М: Колос С, 2010. - 431с.

[17]. Колобова, А. И. Конкурентоспособность молочного скотоводства: монография / А. И. Колобова, О. А. Косинцева; под ред. проф. А. И. Колобовой. - Барнаул: Изд-во АГАУ, 2007. - 377 с.

[18]. Мадаминов А.А. “Проблеми устойчивого развития аграрного сектора Таджикистана” Душанбе, 2006. 300с.

[19]. Маликов И.А. Проблемы формирования рынка мяса в Республике Таджикистан, (учебное пособие) /. Маликов И.А. *И* - Душанбе: Изд- во «Ирфон» 2007. - 7,6 п. л. -С-36-42.

[20]. Насиров Р., Ринок сельсокхозайствениой техники депрессивного региона: развитие, регулирование, отценка эфективности. Душанбе 2009-231 с.61.

[21]. Новожилов В.В. Проблемы измерения затрат и результатов при оптимальном планировании /В.В. Новожилов.-М.:Наука, 1972.-432 с.

[22]. Олимов А.Х. Азимзода З.М. Роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли ғалладонагиҳо дар хоҷагиҳои ноҳияҳои водии Ҳисор- Душанбе 2025 саҳ.144 с.36.

[23]. Портер М. Стратегический взгляд на силы конкуренции / М. Портер // Harvard Business Review. - 2008. - С. 88-97.

[24]. Серебряков, В. А. Развитие молочнопродуктового подкомплекса регионального АПК (на примере Регарской области): автореф. дис. . канд. экон. наук / В.А. Серебряков. - Регар, 2004. - 24 с.

[25]. Шарифов З. Р. Основы рыничной экономики и формирования хозяйственного механизма АПК. Душанбе «Ирфон» 2008г. С444.

Мақола ва маърузаҳо:

[26]. Аничин В.Л., Чугай Д.Ю. Перспективы развития молочно-продуктового кластера в Белгородской области [Текст] // Региональная экономика: теория и практика. - 2008. - № 24. - С. 66-69.

[27]. Боговиз А., Рыкова А., Шкодинский С., Аксенов С. Факторы эффективности государственной поддержки мясного скотоводства. // АПК: Экономика, труд, управление. - 2018. - № 3. - С. 21-26.

[28]. Гайсин Р.С. Основные направления и механизмы государственной поддержки спроса и производства продовольствия (зарубежный опыт и уроки для России) И Достижения науки и техники АПК. -2008. ~№4. -С. 7-9.

[29]. Данкверт С.А. Проблемы животноводства и требования Всемирной торговой организации / С.А. Данкверт // Организационно-экономический механизм государственной поддержки сельского хозяйства: Материалы науч.-практ. конф. - Москва: ФГНУ «Росинформагротех»,

2004. - 352 с.

[30]. Коваленко Н.Я., Почуев П.В. Эффективность производства и реализации овощей защищенного грунта. // Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий.2010. №10. с.24-26.

[31]. Олимов А.Х. Самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ критерия, омилҳо ва нишондиҳандаҳо /Олимов А.Х., Аминзода З.М.// Маҷалаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ «Кишоварз» (Земледелц) Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, Душанбе. - 2021, №1 (90).- С.124-130. ISSN 2074-5435.

[32]. Романов А., Арашуков В. Формирование агропромышленных кластеров в России [Текст] // АПК: экономика, управление. - 2008. - №3. - С. 41-45.

[33]. Свободин В.А. Системное исследование эффективности /В. А. Свободин, М.В. Свободина *И* Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. -1997. -№9. -С. 19-23.

[34]. Хачатуров Т.С. Эффективность общественного производства /Т.С. Хачатуров // Вопросы экономики. -1975. -№6. -С. 129-141.

[35]. Шодиев Б.С. Рушди истеҳсоли маҳсулоти соҳаи чорводорӣ дар шароити имрӯза / Б.С. Шодиев, Ш.А. Бобоазиззода // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. -2019.- №1-3(65).-с 296-298. – EDN ZSBGWP.

Диссертатсия ва автореферат

[36]. Пиризода Ҷ.С. Совершенствование размещения отраслей сельского хазайства Таджикистан и нових условиях хозяйствования Дисс. На соис. Уч. Степени д.э.н.-Душанбе, 2004.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия:

а) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[1-М] Насиров Р., Олимзода А.С. Асосҳои илмии самаранокии иқтисодии чорвои ширдеҳ. // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ «Кишоварз» (Земледелц) Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, Душанбе. - 2020, №4 (89).- саҳ. 141-147. ISSN 2074-5435

[2-М] Олимзода А.С. Ташаккул ва рушди чорвои ширдеҳ дар асоси инноватсия. // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ «Кишоварз» (Земледелц) Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, Душанбе. - 2021, №1 (90).- саҳ. 214-218. ISSN 2074-5435

[3-М] Олимзода А.С. Саҳми модели консептуалии инноватсионӣ дар баландбардории сифати хӯрокаи чорво ва тараққиёти чорводории самти ширдеҳ. // Паёми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Душанбе. – 2022 №1 (30)- саҳ.325-332. ISSN 2663-0389

[4-М] Олимзода А.С. Самаранокии иқтисодии инноватсионии истеҳсолот дар зеркомплекси чорвои ширдеҳ: самти ширию хӯрокворӣ ва

маҳсулотҳои он. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Душанбе. 2022 №5 саҳ.46-54 ISSN 2413-5151

[5-М] Олимзода А.С. Хусусиятҳои иқтисодиёти КАС дар истеҳсолот ва амалӣ гаштани он дар зеркомплекси чорвои калони шохдор самти ширдеҳ. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Душанбе. – 2022 №1 (40)- саҳ.191-197. ISSN 2308-054X

[6-М]___Олимзода А.С., Насиров Р. Ташкили кластер ва микрокластерҳо ҳамчун омили рушди зеркомплекси чорвои ширдеҳ. // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ «Кишоварз» (Земледелц) Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, Душанбе. - 2025, №4 (109).- саҳ. 157-163. ISSN 2074-5435

б) дар дигар нашрияҳо:

[7-М] Олимзода А.С. Таҳияи модели консептуалии инноватсионӣ дар соҳаи чорводории самти ширдеҳ./ Маҷмуи мақолаҳои конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи “Масоили саноатикунонии истеҳсолоти аграрӣ”, 25-уми феврали соли 2021 ш.Душанбе, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, саҳ. 208-214.

[8-М] Олимзода А.С., Ҷалолов Б.Ф. Роҳҳои асосии баландбардории сифати хӯрокаи чорво ва саҳми он дар тараққиёти чорводорӣ./ Маҷмуи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии коллеҷи омори шаҳри Ваҳдат дар мавзуи “Масоили рушди Тоҷикистон дар даврони Истиқлол”, бахшида ба “30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф”, солҳои 2020-2040, 17-уми июни соли 2021 ш.Ваҳдат, коллеҷи омори ш.Ваҳдат, саҳ. 98-104.

[9-М] Олимзода А.С., Насиров Р. Системаи чорводорӣ ҳамчун унсури муҳимми фаъолияти соҳа./ Маҷмуи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ бахшида ба “30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар мавзуи “Рушди соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар даврони истиқлолият: дастовард ва дурнамо”, 10-уми декабри соли 2021 ш.Ваҳдат, коллеҷи омори ш.Ваҳдат, саҳ. 135-138.

[10-М] Олимзода А.С. Омӯзиши ҷанбаҳои назариявии самаранокии рушди иқтисодии чорвои ширдеҳ./ Маҷмуи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии коллеҷи омори шаҳри Ваҳдат дар мавзӯи “Саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат дар рушди вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии мамлакат” бахшида ба “31-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, 7-уми декабри соли 2022 ш.Ваҳдат, коллеҷи омори ш.Ваҳдат, саҳ. 7-19.

[11-М] Олимзода А.С. Мустаҳкамгардонии базаи хӯроки чорвои ширдеҳ ҳамчун роҳи муҳимми афзоиши самаранокии маҳсулоти ширӣ дар соҳаи чорводорӣ./ Маҷмуи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба “Иқтисодиёти сабз”, “Суръат бахшидан ба раванди рақамикунонии бахшҳои иқтисодиёт” дар мавзуи “Муаммоҳои гузариш ба иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъи кунунӣ ва дурнамо”, 12-

уми майи соли 2023 ш.Ваҳдат, коллеҷи омори ш.Ваҳдат, саҳ. 59-65.

[12-М] Олимзода А.С. Самтҳои асосии тараққиёти зеркомплекси чорвои ширдеҳ./ Маҷмуи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба “30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар мавзуи “Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024”, 26-уми декабри соли 2024 ш.Ваҳдат, коллеҷи омори ш.Ваҳдат, саҳ. 45-53.

[13-М] Олимзода А.С. Нақши кластер ва микрокластер омили пешбаранда дар зеркомплекси чорвои самти ширдеҳ./ Маҷмуи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ- амалӣ дар мавзуи “Масъалаҳои мубрами таълими фанҳои иқтисодӣ, иттилоотӣ, дақиқ ва риёзӣ дар замони муосир: мушкилот ва дурнамо” бахшида ба амалисозии “Барномаи давлатии мақсадноки рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2021-2025” ва “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 202-2040)”, 20-уми декабри соли 2024 ш.Ваҳдат, коллеҷи омори ш.Ваҳдат, саҳ. 261-272.

[14-М] Олимзода А.С. Технологияи иноватсионӣ чун самти афзалиятноки самаранокии зеркомплекси чорвои ширдеҳ./ Маҷмуи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ- амалии дар мавзуи “Роҳҳои ташаккули иқтисоди сабз, рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ, савдои электронӣ ва истифодаи васеи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар муассисаҳои таълимӣ”, бахшида ба эълон гардидани солҳои 2025-2030 “солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия”, 16-уми майи соли 2025 ш.Ваҳдат, коллеҷи омори ш.Ваҳдат, саҳ. 185-196.

ТАДЖИКСКИЙ АГРАРНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ
ИМЕНИ ШИРИНШОХ ШОТЕМУР

УДК: 338. 43 (575.3) **На правах рукописи**

ОЛИМЗОДА АБДУСАХОБИ СИРОДЖИДИН

СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ПОДКОМПЛЕКСА МОЛОЧНОГО СКОТОВОДСТВА И ЕГО ЭФФЕКТИВНОСТЬ (НА ПРИМЕРЕ РАЙОНОВ РЕСПУБЛИКАНСКОГО ПОДЧИНЕНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН)

АВТОРЕФЕРАТ

диссертации на соискание учёной степени
доктора философии (PhD), доктора по специальности 6D050605 -
Экономика сельского хозяйства

Научный руководитель: **Насиров Раҳимбек**
доктор экономических наук, профессор

Душанбе – 2026

Диссертация выполнена на кафедре организации производства в предприятиях АПК, Таджикского аграрного университета имени Ширинщох Шотемур.

Научный руководитель: **Насиров Раҳимбек -** доктор экономических наук, профессор кафедры организации производства в предприятиях АПК Таджикского аграрного университета имени Ширинщох Шотемур

Официальные оппоненты: Хамдамзода Хурсанд Акбар - доктор экономических наук, проректор по учебной работе Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава;

Самиев Шамсиддин Файзуллоевич – кандидат экономических наук, и.о. доцента кафедры производственного менеджмента Таджикского технического университета имени академика М.С. Осими.

Ведущая организация: Институт экономики и системного анализа развития сельского хозяйства Таджикской академии сельскохозяйственных наук

Защита диссертации состоится «25» август 2026 г. в 13^{00} часов на заседании диссертационного совета 6D.KOA-016- при Таджикском аграрном университете имени Ширинщох Шотемур, (734003, г. Душанбе, пр. Рудаки,146. учённый секретарь: (+992) 101-17-90-90)

С диссертацией можно ознакомиться в научной библиотеке и официальном сайте Таджикского аграрного университета имени Ширинщох Шотемур

Автореферат разослан «25» август 2026 года.

Учёный секретарь
диссертационного совета,
кандидат экономических наук, доцент **Олимов А.Х.**

Введение

Актуальность темы исследования. В соответствии со стратегией, определённой Концепцией продовольственной безопасности Республики Таджикистан, обеспечения населения страны качественными и экологически чистыми продуктами питания ставит перед сельским хозяйством, в том числе перед отраслью животноводства, особые задачи.

Очевидно, что в ближайшей перспективе их полноценное решение, включая внедрение современных технологий, улучшение породного состава скота, совершенствование способов содержания животных, обеспечение полноценными кормами, первичную и конечную промышленную переработку полученной продукции внутри хозяйства, района и республики, материальное стимулирование, поддержку и непосредственную государственную помощь, а также преодоление других существующих трудностей, должно осуществляться постепенно при содействии науки и использовании передового опыта. Для реализации этих мер в сельском хозяйстве имеются необходимые условия.

В Послании Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли от 28 декабря 2024 года отмечается: «...также в целях эффективного использования каждого участка земли, улучшения состояния отраслей семеноводства, питомниководства, племенного животноводства и обеспечения инновационного развития отрасли необходимо своевременно принять соответствующие меры» [7].

Аналогичным образом была принята «Комплексная программа развития отраслей животноводства, птицеводства, рыбоводства и пчеловодства в Республике Таджикистан на 2023–2027 годы», утверждённая Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 01.03.2023 №52, а также другие утверждённые отраслевые программы [3].

Животноводство является одной из отраслей сельскохозяйственного производства и, несмотря на внимание со стороны государства, пока ещё не достигло достаточного уровня развития и эффективности. Как источник обеспечения населения продуктами питания, а промышленность - сырьём, оно занимает особое место и оказывает непосредственное влияние на экономические результаты государства и благосостояние населения.

До распада советской государственной системы в сельском хозяйстве, особенно в аграрном секторе и агропромышленной инфраструктуре обслуживания, обеспечения и переработки, включая растениеводство и животноводство, существовали процессы специализации, объединения, кооперации и интеграции, благодаря чему производство продукции из года в год увеличивалось. Специализированные сельскохозяйственные хозяйства были крупными по объёму, обладали высокой доходностью и осуществляли свою деятельность с учётом расширенного воспроизводства.

Однако в период проведения реформ активно проявились противоречия между отраслями молочно-продовольственного подкомплекса, были нарушены хозяйственные связи, изменились как условия формирования, так и экономическое положение субъектов, а также характер взаимоотношений между ними.

Переход Республики Таджикистан к иной форме хозяйствования также создал дополнительные трудности в сфере молочного животноводства. К ним относятся: снижение государственной поддержки данной отрасли, которое не было компенсировано другими формами и мерами; недостаточное развитие материальной поддержки отдельных производственных отраслей сельского хозяйства, особенно финансирования производства молока и молочной продукции за счёт прямой поддержки Правительства Республики Таджикистан, а также через субсидии, механизмы кредитных организаций, банковское обслуживание, гранты и другие формы помощи.

Как известно, молоко является одним из основных продуктов питания. Согласно разработанной программе достижения продовольственной безопасности в Республике Таджикистан, уровень самообеспеченности страны молоком и молочной продукцией должен составлять не менее 70%. В данном направлении особую роль играет совокупность хозяйствующих субъектов, занимающихся производством молока, его переработкой и реализацией готовой молочной продукции для обеспечения населения [1, С. 1].

В рамках принятой программы, несмотря на наличие структур по подготовке специалистов, а также научных, экономических и финансовых учреждений, они ещё не в полной мере соответствуют современным требованиям. Поэтому результаты их влияния на развитие общества остаются малозаметными. В этой связи рекомендуется развивать сотрудничество между учреждениями по подготовке кадров и производственными предприятиями, что может дать положительные результаты, в частности в форме отраслевых кластеров. Такие кластеры позволяют рационально и эффективно использовать как интеллектуальный потенциал общества, так и материально-финансовые ресурсы и производственные факторы.

Указанные выше обстоятельства определяют необходимость выбора данной темы научной работы и подтверждают её научную и практическую значимость.

Степень изученности научной темы. В изучение вопросов эффективности производства сельскохозяйственной продукции, особенно в отрасли животноводства, значительный вклад внесли зарубежные учёные: Н.Я. Коваленко, И.Н. Буздалов, В.А. Добрынин, А.П. Зинченко, М.В. Косолапова, В.Г. Курдоглян, В.В. Новожилов, О.И. Пантелеева, О.А. Родионова, Д. Рубинфелд, В. Серебряков, Б.А. Черняков, Й. Шумпетер и другие.

В исследование эффективности сельскохозяйственного производства с позиции затрат и ресурсов внесли вклад В.Р. Боева, А.В. Белокопытов, В.А. Свободин, Н.Е. Тепляков, С.С. Сергеев, И.С. Санду, О.А. Родионова и другие. В рамках репродуктивного подхода данный вопрос исследовали Е.Б. Дондокова, А.П. Зинченко, А.И. Колобова, А.Г. Попцов, М. Портер, Б.Н. Кузык, А. Градов и другие.

Животноводство имеет стратегическое значение, а его основной целью является удовлетворение потребностей населения и повышение уровня жизни населения страны. В этом направлении значительную работу проделали отечественные учёные: И.С. Ашуров, А.А. Мадаминов, З.Ф. Раджабов, И.А. Маликов, Р. Носиров, Дж.С. Пиризода, Т.Б. Рузиев, И.Х. Самандаров, З.Р. Шарифов, У. Шарофов, Ш.А. Бобоазиззода, Ф.М. Раджабов, Б.С. Шодиев и другие.

